# ИНФОРМАТИКА

Китоби дарсӣ барои
донишомӯзони синфҳои 6-уми
мактабҳои миёнаи таълими умумӣ

Нашри дуюм

*Вазорати таълими халқи Республикаи
Ӯзбекистон тасдиқ намудааст*




ТОШКАНД — «O‘ZBEKISTON» — 2013

УЎК: 004(075)
КБК 32 81
И-74

**Аз ҳисоби маблағҳои Бунёди мақсадноки китоби республика (БМКР) барои иҷора чоп шудааст.**

**Гурӯҳи муаллифон:**

**Баходир Болтаев, Мухтор Маҳкамов, Ахат Азаматов, Сайёра Раҳмонқулова**

Муқарризон:

**Т. Нишонбоев** — доктори илмҳои техникӣ, профессор;
**Х. Комилова** — муаллимаи фанни «Информатика»-и мактаби миёнаи рақами 254-уми таълими умумии ноҳияи Шайҳонтоҳури шаҳри Тошканд.

ISBN 978-9943-01-445-9

© ХЭТН «O'ZBEKISTON» 2009.
Тарҷума ба забони тоҷикӣ.
© ХЭТН «O'ZBEKISTON» 2013.
Бо тағйироту иловаҳо.

# МУҚАДДИМА

*«Фарзандонамон бояд аз мо донишмандтар, доно ва албатта, бахтнок бошанд».*

***И.А. Каримов***

Донишомӯзони азиз! Шумо бо кӯмаки китоби дарсии «Информатика» дар синфи 5 аз истифодабарии яке аз воситаҳои технологияи замонавии ахбор-компютер малака ва маҳорати аввалинро соҳиб гардидед. Баробари ин аз компютер воситаи таълимдиҳӣ, ҳисобу китоб, тасвир, таҳлил, истироҳат ва ҳамчунин ахбор буданаш маълумот пайдо кардед.

Корбарӣ бо технологияҳои замонавии иттилоотӣ (ахбор) оиди ҳосил кардани малакаи пурра барои ҳар як авлоди наврас зарур мебошад. Ба ҳамин муносибат Шумо дар синфи 6 дар дарси «Информатика» бо таъмини барномаи кор бо матн ошно мегардед. Аз ин китоби дарсӣ бо яке аз барномаҳои замонавии компютерии кор бо матн шинос мешавед. Тамоми маводи китоби дарсӣ аёнӣ ва шавқовар аст.

Бо кӯмаки китоби дарсии мазкур таҳия ва тайёр кардани матнро меомӯзед, ҳангоми машғулиятҳои амалӣ дар компютер метавонед онро таҳрир намоед ва ороиш диҳед.

Ба фикри мо, Шумо «Информатика»-ро омӯхта тасаввур ҳосил мекунед, ки компютер на танҳо кӯмакрасони доимӣ ва воситаи сабукгардонии коратон аст, балки дар иҷрои корҳои амалиатон боз гардондани қирраҳои нав ба нав хизматрасон ҳам мегардад.

Донишомӯзони гиромӣ! Мо боварӣ дорем, ки китоби дарсии мазкур ба Шумо дар корҳои ҷустуҷӯиатон ва тадқиқотгар шуданатон дар компютер аз наздик ёрӣ мерасонад.

*Муаллифон.*




# САРСУХАН

**Донишомӯзи гиромӣ!** Маълум аст, ки ҳар як **инсон** баробари талабот ба **неъматҳои моддӣ** (озуқа, либос, асбобу анҷоми хонаву ҷо ва ғайра) ба **иттилоот** (ба кадом мақсад истифодабарии онҳо, шаклу ранг, вазн ва ҳоказо) ҳам эҳтиёҷ дорад.

Шумо тавассути дастатон сахту ҳамвор будани ҷисм, бо даҳон таъм, бо бинӣ бӯйи мухталифро медонед, тавассути гӯш ҳар гуна овозҳоро мешунавед, бо чашматон шаклу рангҳои мухталиф ё худ манзараҳоро мушоҳида мекунед, яъне бо воситаи онҳо ҳар гуна **ахборро** ба даст меоваред.

Аз ин бармеояд, ки **аз ҳаёт ахборро бо намуду шакли мухталиф гирифтан мумкин аст:** расм, тарҳ, фотосурат, хат, нур ё ки овозҳо, ҳар гуна мавҷҳо, импулсҳои барқ ва асаб; навиштаҷоти магнит, мимика, бӯй ва таъм, хромосомаҳое, ки сифат ва хусусиятҳои организм ва саломатии моро нигоҳ медорад ва ҳоказо.

Бо ахбор дар шакли сурат ва ё тарҳ буданаш дар синфи 5 ошно гардидаед. Шумоён расму тарҳ кашидед, хатоҳоро ислоҳ сохтед, онро маҳфуз доштед, расмро тақсим кардед ё худ муттаҳид сохта, расми нав ҳосил кардед, алқисса, **ахборро дар шакли расм ва тарҳ аз нав кор кардед.**

Шумоён акнун аз фанни «Информатика» ҳосил кардани ахборро дар шакли навишт (матн), аз нав кор кардани онро тавассути компютер меомӯзед.

**Дарси 1.** МУҲАРРИРИ МАТН

**Донишомӯзони азиз!** Шумоён дар синфи 5 бо клавиатура ва бо кӯмаки он навиштани матн ошно гардидед. Ба фикри мо, ба саволи чаро навиштаҷот лозим ҷавоби шумоён тайёр аст. Дар ин дарс аз хусуси вазифаҳо ва имкониятҳои истифодабарии техникаи компютерӣ ҳарф мезанем. Боз ҳаминро дар хотир доред, ки қисми барномаи ба кор бурдаи мониторинг ва имконияти аз он истифода бурдан **интерфейси** он номида мешавад.

## АЗ ТАЪРИХИ НАВИШТАҶОТ

Аз таърих маълум аст, ки усули аз ҳама қадимаи маҳфуз доштани **ахбор** навиштаҷот мебошад. Ба он мисоли равшан расмҳо ва навиштаҷоти деворҳои ғорҳост, ки дар онҳо одамони қадима ҳаёт ба сар бурдаанд. Дар тӯли бисёр асрҳо технологияи санъати навишт тағйир наёфта, балки воситаи иншокунӣ такмил ёфтааст. Сараввал матнҳоро дар сангҳо иншо карда бошанд, баъд бо кӯмаки рангҳо навиштаҷот пайдо гардид. Вақте ки инсон азнавкоркарди пӯсти ҳайвонотро ёд гирифт, барои навишт на санг, балки чармро истифода бурд. Баробари ихтирои коғаз навишт хеле қулай гардид. Дар айни замон такмилёбии воситаҳои навишт идома ёфт. Дар замонҳои қадим санг, мӯйқалам, пероҳои қамишӣ, пати ғоз истифода гардид. Сонитар ба ҷои патҳо ручкаҳои перодор, авторучка ва ручкаҳои шарикӣ, хамчунин мошинҳои хатнависӣ пайдо шуданд. Аммо, мудом ҷараёни асосӣ-агар матнро тағйир додан зарур шавад, зарурати онро аз нав кӯчонда навиштан аз байн нарафт. **Хуб медонед, ки он вақту меҳнати зиёдеро талаб мекард.**

Пайдошавии компютерҳо ва истифодабарии технологияи онҳо санъати навиштаҷотро ба куллӣ тағйир дод. Барои сабту маҳфуз, азнавкоркард ва чопи матнҳо ба коғаз бисёр барномаҳо таҳия шудаанд. Ҳамаи онҳо ба **ду нав** тақсим мешаванд: **муҳаррирони матн** ва **процессорҳои матн.** Фарқияти асосии намуди матни кӯчонидашудаи онҳо вобаста ба нақшҳояш мебошад. Масалан, дар муҳаррири матн фақат матнро иншо кардан лозим бошад, дар процессори матн хамин матнро бо расму суратҳои гуногун ғанӣ сохтан мумкин аст. Китоби дарсии мазкуре, ки ба ҳукми Шумо ҳавола гардидааст, дар процессори матн иншо гардида, расмҳо, ҷадвалҳо, рангҳо ва дигар нақшаҳо истифода шудаанд.

## МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУҲАРРИРИ МАТН

Ба тамоми намуди компютерҳо муҳаррири матн кор карда шудааст, ки ба қатори барномаҳои аз ҳама бештар истифодабарандаи компютерӣ шомил мебошад. Ҳатто ба компютерҳои навъи якхела даҳҳо муҳаррирони матн мавҷуданд. Масалан, ба **Bloknot, WordPad** ва ҳоказо, ки ба таркиби системаи оператсионии Windows дохил шудаанд. Ҳаминро донед, ки **Bloknot, WordPad** байни муҳаррирони матн чун барномаҳои **Paint** ё худ **Kalkulyator** ба кор бурда мешаванд, ки шумоён дар синфи 5 омӯхтаед.

Муҳаррирони матн амалан чунин вазифаҳоро ба иҷро мерасонанд:

| | |
|---|---|
| **1) ворид кардани маълумот** | **5) ислоҳи хатоҳо** |
| **2) иваз кардани ҷой ё ки гирифта партофтани нишонҳо, калимаҳо, сатрҳо, сархатҳо** | **6) ба ягон «қолаб андохтан»-и матн, яъне рост кардани тарафҳои чапу рост, тағйир додани фосилаи байни сатрҳо** |
| **3) нигоҳ доштани матн дар хотира** | |
| **4) хондани матн аз хотира** | **7) чоп кардан** |

Муҳаррирони матн диққати асосиро ба маънои матн менигаронанд. Онҳо шакли (нақши) матн дар экран ва коғаз дорои аҳамияти калон набошад, истифода мегарданд.

> Бо кӯмаки **муҳаррирони матн** файлҳои матн офарида мешаванд. Бинобарин, матни аз ҷониби як муҳаррири матн офаридашударо бе ягон мамоният дар муҳаррири матни дигар аз нав кор кардан мумкин аст.

Ҳарчанд ном, шакли зоҳирии муҳаррирони матн гуногун бошанд ҳам, ҷараёни кори онҳо асосан якхелаанд. Ҷузъҳои (элементҳои) асосии муҳаррирони матн-**майдони корӣ**, **курсор** ва **меню** аст, ки дар расми саҳифаи 7 нишон дода шудааст.

***Майдони корӣ.*** Муҳаррири матн дар экрани компютер «майдони корӣ»-и махсусеро ҷудо мекунад, ки он мавқеи саҳифаи навишти матнро иҷро мекунад. Матни воридшаванда дар майдони корӣ инъикос меёбад.




***Курсор.*** Он мавқеи майдони кориеро нишон медиҳад, ки ба он аломати аз клавиатура воридшаванда гузаронида мешавад. Одатан дар намуди хатчаи горизонталӣ (амудӣ) ва вертикалӣ (шоқулӣ) мешавад.

***Сатри меню.*** Маҷмӯи фармонҳои махсус ё ҳаракатҳо **меню** номида мешавад. Бо кӯмаки онҳо мутолиаи матн аз диск, сабти матн ба диск, чоп барин амалҳо иҷро мешаванд.

Намуди курсор ва майдони корӣ ба кори муҳаррири матн қариб ки таъсир намерасонад. Онҳо дар муҳаррирҳои матн мухталиф, вале каме фарқ карданашон мумкин аст.

Муҳаррирони матн асосан бо меню аз якдигар фарқ мекунанд. Фармон ва ҳаракатҳои меню имконияти муҳаррирҳои матниро муайян месозад. Ҳар чӣ қадаре, ки он зиёд бошад, имконияти муҳаррири матн ҳамон қадар бештар аст. Фармонҳои хос мувофиқи муҳаррирҳои матн каме фарқ кунанд ҳам, маънои онҳоро дарк кардан он қадар душвор нест. Масалан, фармони навишти матн менюи **файли** ба хотира дар баъзе муҳаррирҳои матн **«навишт»** бошад, дар дигараш **«нигоҳ дошт»** ном дорад. Баробари ин дар фармони хондани матн аз хотира дар муҳаррирҳои матн **«хондан»**, **«бор кардан»** ё ки **«кушодан»** номида шуданаш мумкин аст. Номгузории фармонҳои мазкур мухталиф бошанд ҳам, амалан як маъноро ифода мекунанд ва маҳз як вазифаро иҷро менамоянд.



## *САВОЛ ВА СУПОРИШҲО*

1. Интерфейси барнома чист?
2. Аз хусуси навиштаҷот чиҳоро медонед?
3. Кадом барномаҳое ҳастанд, ки бо коркарди матн алоқаманданд?
4. Вазифаҳои асосии муҳаррирҳои матнро гӯед?
5. Элементҳои (ҷузъҳои) асосии муҳаррирҳои матнро номбар кунед.

6. Усулҳои корбурди муҳаррири матни Блокнотро дар амал нишон диҳед.
7. Фарқи мизи корӣ ва майдони кориро маънидод созед.
8. Фарқи муҳаррири матн ва процессори матнро фаҳмонед.
9. Менюи барнома гуфта чиро мегӯянд?
10. Меню дар муҳаррири матн чӣ гуна вазифаҳоро иҷро мекунад?
11. Вазифаҳои фармони менюҳои муҳаррири матни Блокнотро шарҳ диҳед.
12. Майдони кории муҳаррири матн кадом вазифаро ба иҷро мерасонад?
13. Курсор дар муҳаррири матн кадом вазифаро иҷро менамояд?



## *МАШҚҲО*

1. Амалҳои сутуни чапро ба фармонҳои сутуни рост мантиқан мос гардонед.

| | |
|---|---|
| **хондан** | фармони хондани матн аз хотира |
| **бор кардан** | |
| **навиштан** | фармони навишти матн ба хотира |
| **кушодан** | |
| **маҳфуз доштан** | |

2. Ба ҷои нуқтаҳо аз сутуни рост навиштаҷоти заруриро ҷойгир сохта, кӯчонед.

| | |
|---|---|
| Маҷмӯи фармонҳо ва амалҳои махсус ... номида мешавад | **50—60 см** |
| Ба муҳаррирони матн ... шомил аст | **меню** |
| Донишомӯз аз компютер камаш ... дур истоданаш лозим | **Блокнот, WordPad** |

3. Чор сатри аввали Суруди миллиамонро ба муҳаррири матни **Блокнот** сабт намоед.

## Дарси 2. ИНТЕРФЕЙСИ ПРОСЕССОРИ МАТНИ MS WORD

Аз дарси забони модарӣ маълум аст, ки аз ҳарфҳо калимаҳо, аз калимаҳо ҷумлаҳо, аз ҷумлаҳо абзатсҳо ва аз абзатсҳо матнҳо ҳосил мегарданд. Калимаҳо байни ҳамдигар бо ҷои холӣ ҷудо карда, ҷумлаҳо бо нуқта, савол ва ё хитоб ба анҷом мерасанд, давоми ҷумла ба майдони саҳифа нағунҷад, ба саҳифаи нав баробари ба ҳиҷо тақсим кардан гузаронда мешаванд. Абзатсҳо (сархатҳо) бошанд, доимо баробари ба сатрҳои нав ҷои маълум гузоштан оғоз меёбанд.

### АЗ ХУСУСИ ПРОСЕССОРҲОИ МАТН

**Просессорҳои матн** дар ҳолатҳое истифода мешаванд, ки на танҳо мазмуни матн, балки намуди зоҳирии он низ аҳамияти калон касб мекунад. Масалан, ба матн ҷойгир сохтани расм ва ҷадвалҳои гуногун, тағйири ранг, андоза, шакли аломатҳо ва ҳоказо.

Просессорҳои матн асосан ҳангоми тайёр намудани ҳуҷҷатҳои расмӣ истифода мешаванд. Матне, ки бо кӯмаки просессори матн тайёр карда шудааст, **ҳуҷҷат** ном дорад.

Ҳуҷҷате, ки бо **просессори матн** тайёр гардидааст, на танҳо дар бораи матн, балки дар бораи **шакли зоҳирии он** (шакл, андоза, ранги ҳуруф ва ғ.) низ ахборро нигоҳ медорад.

Дар ҳар гуна просессорҳои матн барои ороиши матн рамзҳои гуногун истифода мешаванд. Дар чунин маврид гуфта мешавад, ки ҳуҷҷатҳо **андозаҳои** гуногунро моликанд. Бинобарин, на ҳама вақт имконияти гузаронидани **ҳуҷҷати матнии андозааш муайяншуда** (форматикунонидашуда) аз як просессор ба дигараш мавҷуд аст.

Фикрҳои болоиро ба назари эътибор гирифта, усулҳо ва роҳу равиши азнавкоркарди ахборро дар шакли матн дар мисоли просессори матни **Microsoft Offise Word 2003** (мухтасар **Word**) дида мебароем, ки ба маҷмӯи барномаҳои Microsoft Office 2003 шомил асту ҳоли ҳозир яке аз просессорҳои матни мукаммал ба ҳисоб меравад. Он баробари ба иҷро расондани бисёр амалҳо аз дигар просессорҳои

матн фарқ мекунад. Интихоби иҷрои аксар фармону амалҳо бо Word бо кӯмаки **«мушак»** ба амал бароварда мешавад.

«Word» дорои имконияти дар як вақт ба ҷо овардани кор бо чанд ҳуҷҷат мебошад. Ҳар як ҳуҷҷат дар майдони кории махсуси **дарича** ташкил меёбад, ки ба шумо маълум мебошад. Андоза ва тартиби ҷойгирсозии дарича (оина)-ро худи истифодагар муайян месозад.

Алҳол варианти ӯзбекӣ ва тоҷикии просессори матнии **Microsoft Word** мавҷуд нест. Аз ин рӯ, дар баробари фармон ва нишондодҳо ба забони русӣ ифодаи тоҷикии онро дар тарҷума медиҳем.

## МАФҲУМҲОИ АВВАЛИН ОИД БА ҲУҶҶАТ

Ҳангоми кор бо просессори матн мафҳумҳои зеринро оид ба ҳуҷҷатҳо донистан лозим.

**Ҳуруф** (шрифт) (немисӣ) шакли хаттӣ ё ки чопии ҳарфҳои Алифбо, рақамҳо ва нишонаҳои мухталиф (ҳуруфи забони лотинӣ, кириллӣ, арабӣ, юнонӣ ва ғайра) мебошад. Ҳуруфот дар шакли навишт (масалан, Балтика, Ӯзбек, Тоҷик, Times, New Roman, Monotupe Corsiva), намуди тарҳ (**курсив, хаткашидашуда**), ғафсӣ (оддӣ, **ғафс**), андоза (масалан, II пункт, 14 пункт, дар ин ҷо як пункт — 0,3759 мм) фарқ мекунанд.

**Калима** — нишонҳо паи ҳам буда, онҳо аз якдигар бо пробел (фосила) — нуқта, вергул, нуқта вергул, ду нуқта, қавс, тире, дефис ё ки нишони нохунак фарқ мекунанд.

**Сатр** — суханоне, ки дар як қатор навишта шудаанд, ҳарфҳо ё ки нишонҳое, ки паи ҳам омадаанд. Просессорҳои матн калима ва аломатро дар охири сатр ба тарзи автоматӣ ба сатри дигар мегузаронанд.

**Ҳошия** — қисми тозанигоҳдорандаи канори саҳифа.

**Сарсатр** — сатри аз ҳошия ба чапу рост ҷудо кардашуда.

**Сархат** — (немисӣ) — паиҳамии сатрҳое, ки сарсатр доранд. Сархатҳо аз дигарашон бо ақибнишинӣ, усули навишт (услуб, масалан, оддӣ, асосӣ, сарлавҳа), фосила (фарохии байни сатрҳо) фарқ карданашон мумкин аст. Барои ба сархат ё ки сарсатр гузаштан клавиши «Enter» пахш карда мешавад.

**Матн** — маҷмӯи сархатҳо.

**Фрагмент** (лаҳза), (лотинии порча) — асари санъат, қисми ҷудогардидаи матн мебошад.

**Саҳифа** — як тарафи вараќи китоб ё ки дафтар. Дар процессори матн саҳифа ба як коғази чопӣ рост меояд.

**Андоза** (формат) (лотинии шакл медиҳам) — андоза, шакли хаттӣ, намуди нақша, аниқ кардани фосила ё ки дигар аломатҳои намудҳо.

## ОҒОЗУ АНҶОМИ КОР БО MS WORD

Барномаи **MS Wordu** маҷмӯи барномаҳои **«Microsoft Offise 2003»**-ро бо се усул ба кор даровардан мумкин аст:

- Бо кӯмаки пиктограммаи  панели масъалаҳо;
- Бо кӯмаки ифтихорномаи  мизи кории Windows;
- Бо кӯмаки паиҳамии фармонҳои зерин ба амал баровარда мешавад:

ПУСК → Программы → Microsoft Office → Microsoft Office Word 2003

Барои дар барномаи Word корро ба анҷом расондан бояд пиктограммаи  ё худ фармони Выход, яъне «Баромад»-и менюи файл интихоб карда, якҷоя бо клавиши Alt + F4 пахш гардад.

## ИНТЕРФЕЙСИ WORD

Ҳангоми ба кор андохтани MS Word дар экрани интерфейси он (ба расми 12 нигаред) **майдони корӣ** ва **панели идора** пайдо мешавад. Панели идора одатан аз **сатри сарлавҳа**, **сатри менюҳо** ва **панели асбобҳо** иборат аст.

Дар **сатри сарлавҳа** номҳои ҳуҷҷати коркардаистода ва барномаи **Word** акс меёбад. Агар дар ҳуҷҷат унвон дода шуда набошад, дар он сурат дар сатри сарлавҳа Документ 1 яъне **(«Ҳуҷҷат I»)** акс меёбад.

Дар **панели асбобҳо** тугмаҳои асбобҳо акс ёфта, истифодаи онҳоро ҳангоми кор бо процессорҳои матн (панели асбобҳои **Paint-ро** ба хотир оваред) осон мегардонад.




Намуди интерфейси процессори матни MS Word

Сатри **меню** аз менюҳои зерин иборат аст:

| **Файл** | **Правка** | **Вид** | **Вставка** | **Формат** | **Сервис** | **Таблица** | **Окно** | **Справка** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Файл | Таҳрир | На-муд | Ҷой-гирсозӣ | Андоза | Сервич | Ҷад-вал | Оина | Маълу-мот |

Менюҳои мазкур дар тайёркунии ҳуҷҷатҳо аҳамияти муҳим доранд. Масалан, бо кӯмаки менюи **«Файл»** амалҳои зерини асосиро бо Документ 1 ба иҷро расондан мумкин аст:

Ҳангоми истифодаи сатри ҳолат аз хусуси саҳифаи ҷорӣ, миқдори тамоми саҳифаҳои ҳуҷҷатҳо, сатри курсор, тартиби сутун, забони навишт маълумот дода мешавад.

Бо баъзеи ин амалҳо ҳангоми кор бо **Paint** ошно гардидаед. Аз ин рӯ, бе ягон душворӣ дар амал истифода мебаред. Дар барномаи **Word** ҳам ҳуҷҷат чун барномаи **«Paint»** дар папкаи **«Мои документы»** ҷойгир мешавад.




- офаридани ҳуҷҷати нав;
- кушодани ҳуҷҷати мавҷуда;
- пӯшидани ҳуҷҷати ҷорӣ;
- маҳфуз доштани ҳуҷҷати аввала;
- маҳфуз доштан дар шакли «маҳфузият чун» бо номи нав;
- маҳфуз доштан ҳамчун Веб-саҳифа барои Интернет;
- версияҳо;
- дида баромадани Веб-саҳифа;
- параметрҳои саҳифаҳо;
- азназаргузаронии пешакии ҳуҷҷат;
- чопи ҳуҷҷатҳо;
- фиристодани маълумот;
- хусусиятҳои ҳуҷҷатҳо;

} рӯйхати ҳуҷҷатҳои аз ҳама охир коркардашуда ва онро бевосита кушодан мумкин аст;

- баромадан аз барнома



## *САВОЛ ВА СУПОРИШҲО*

1. Бартарии просессори матн аз муҳаррири матн дар чист?
2. Матне, ки дар просессори матн ҳосил гардидааст, чӣ ном дорад?
3. Усулҳои ба кор даровардани просессори матнро дар амал нишон диҳед.
4. Усулҳои аз кор боздоштани барномаи «Word»-ро дар амал намоиш диҳед.
5. Интерфейси просессори матни «Word» аз чӣ иборат аст?
6. Дар сатри сарлавҳа чиҳо акс меёбанд?
7. Менюи «Файл» аз кадом амалҳо иборат аст? Онро шарҳ диҳед.
8. Панели асбобҳо дар просессори «Microsoft Word» чӣ гуна вазифаҳоро ба иҷро мерасонад?
9. Аз расми интерфейси «Word» оид ба ҳуруф (шрифт), сатр, сархат барин истилоҳот мисол оваред.

10. Аз ҳамин китоби дарсӣ дар бораи истилоҳот, аз қабили ҳуруф, калима, сатр, ҳошия, сархат мисолҳо оваред.
11. Ҳуҷҷате, ки дар барномаи «Word» маҳфуз аст, ба кадом папка ҷойгир карда мешавад?



## *МАШҚҲО*

1. Эзоҳи истилоҳоти сутуни чапро аз сутуни рост ёбед.

| | |
|---|---|
| **Ҳуруф** | ҷои холӣ аз ҳудуди саҳифаҳо |
| **Калима** | Маҷмӯи сархатҳо |
| **Сатр** | ҳарфҳои Алифбо, рақамҳо, намуди ишораҳои мухталиф |
| **Ҳошия** | паиҳамии аломатҳое, ки аз ду тараф бо пробел (фосила) ҷудо карда мешаванд |
| **Сарсатр** | паиҳамии сатрҳое, ки сарсатр доранд |
| **Сархат** | паиҳамии калимаҳо, ҳарфҳо ё ки аломатҳое, ки дар як хат навишта мешаванд |
| **Матн** | сатрҳое, ки аз майдон дур шудаанд (гузашта рафтаанд) |

2. Ба ҷои нуқтаҳо аз сутуни рост ишораҳои дурустро ёфта, гузоред.

| | |
|---|---|
| «Word» бо кӯмаки пиктограммаи...панели вазифаҳо ба кор дароварда мешавад. |  |
| «Word» бо кӯмаки ифтихорномаи (ёрлиқи)...дар мизи кории «Windows» ба кор андохта мешавад. |  |
| Барои анҷом додани кор дар Word пиктограммаи...истифода мегардад. |  |

3. Аз барномаи «Word» қоидаҳои расмигардонии ҳуҷҷатҳоро истифода бурда, 5 сатрро аз хусуси худ нависед ва бо номи «Тарҷимаи ҳол» чунин маҳфуз доред:

а) насаб, ном, кай, дар куҷо таваллуд ёфтаед;

б) кай ба синфи I, ба кадом мактаб рафтаед, манзили истиқоматиатон;

в) алҳол дар кадом синф таҳсил доред, ба кадом фанҳо шавқмандед;

г) насаб ва номи падаратон, кай, дар куҷо таваллуд ёфтааст, алҳол дар куҷо кор мекунад;

д) насаб ва номи модаратон, кай, дар куҷо таваллуд ёфтааст, алҳол дар куҷо кор мекунад.

# Дарси 3. ҚОИДАҲОИ МАТННАВИСӢ ДАР WORD

Барои он ки матн дар просессори матн навишта шавад, танҳо истифода бурдани клавиш кифоя нест. Саравввал матн дар **Word** дар асоси нақшаи пухта ё ки тартиб навишта мешавад. Масалан, дар ҳуҷҷати унвонаш «Тарҷимаи ҳол», ки дар дарси гузашта тайёр кардед, ба саволҳо ҷавоб гардонда, маълумотҳоро иншо сохтед. Дар ҷараёни тайёркунии ҳуҷҷат шумо бояд намуд, қоидаҳои матнависӣ, тавассути матн ҳаракат кардан ва имконияти таҳрири матнро донед.

## НАМУДҲОИ ҲУҶҶАТ

Ба мақсади тайёр кардани ҳуҷҷате, ки аз барномаи «Word» бармеояд, чунин намудҳои ҳолати онро тавсия менамоояд.






**Обычный** **(Ҳолати оддӣ)** барои даровардан, таҳрир ва ба андоза гирифтани матн таъин гардидааст. Дар ҳолати мазкур ҳошияҳо, расмҳои саҳифа намудор намегардад. Аз он ҳангоми мазмуни матн хеле пураҳамият будан истифода мебаред.

**Веб-документ** **(Ҳолати веб-ҳуҷҷат)** Ҳангоми матнро дар Интернет ҷойгир кардан (бо кӯмаки **Интернет Експлорер**-и таркиби **«Windows»**) нишон додан, тайёр кардан ниҳоят қулай аст. Дар ҳолати мазкур фон, расмҳо ва матн ҳамчун саҳифаи Интернет намудор мегардад.

**Разметка страницы** **(Ҳолати саҳифа).** (Расми А) Дар ин ҳолат ҳошияву **расмҳои** матн ва дигар қисмҳо чун саҳифаи омодаи чоп намуд пайдо мекунад. Одатан дар ин ҳолат дар майдони корӣ хатҳои шоқулӣ (вертикалӣ) ва амудӣ (горизонталӣ) ҷойгир мешаванд.

**Структура** **(Ҳолати структура)** барои аз нав барқарор кардани матн бо роҳи дида баромадани таркиби матн, нусхабардориву кӯчондани қисмҳои матн ба кор бурда мешавад.



**(Ҳолати хондан)** барои ҳуҷҷатро дар экран хондан хеле қулай мебошад. Дар ҳолати мазкур баъзе панелҳои асбобҳо акс наёфтанашон мумкин аст.



**(Ҳолати экрани пурра)** барои чашмро монда накарда дидани ҳуҷҷат дар экран ниҳоят қулай мебошад. Дар ин ҳолат андозаи саҳифаи ҳуҷҷат мувофиқи андозаи экран тағйир меёбад ва дар он фақат саҳифа намудор мегардад.

Одатан, ҳангоми ба кор даровардани Word дар экран ҳолати (режими) саҳифа акс меёбад.

## ҚОИДАҲОИ МАТНАВИСӢ

Ҳангоми навиштани матн дар Word инҳоро донистан мувофиқи мақсад мебошад:

• Чун тамоми муҳаррирҳои матн дар Word ҳам қисми ба як сатр нағунҷида **ба сатри** нав бо таври автоматӣ мекӯчад.

• Барои гузаштан ба **сархатти нав** клавиши «Enter»-ро пахш кардан зарур аст.

• Баъди ҳар як аломати китобатӣ клавиши **пробел (фосила)** (холигӣ)-ро пахш кардан шарт аст. Пеш аз аломати китобатӣ фосила зер карда намешавад.

• Барои ҷойгирсозии **«Фосилаи қатъӣ»** клавишҳои Ctrl Shift пробел якҷоя пахш карда мешавад. Дар охири сатри ҷумлаи фосиладор тиреи қатъӣ (масалан, Н. Солеҳова) барои ҷудо шуда намондан, яъне дар як сатр ғунҷондан шарт бошад, истифода мегардад.

• Аломати **«Дефис»** (тире,-) бидуни фосила иншо мегардад. Масалан, мева-чева.

• **«Тиреи дароз»** (—) аз ду тараф бо фосила ҷудо карда мешавад. Барои сабти он клавиши «Ctrl», «Alt» ва аз маҷмӯи клавиши ёрирасон клавиши «Тиреи дароз» якҷоя пахш мегардад.

• Барои сабти **«тиреи қатъӣ»** клавишҳои «Ctrl», «Srift» ва — якҷоя пахш мегарданд. Барои он ки тиреи қатъӣ аз калимаи якҷоя бо дефиси дар охири сатр омада ҷудо нашавад, яъне онҳо дар як сатр ҷойгир шуданашон шарт бошад, (масалан, синфи 5-ум) истифода мегардад. Калимаҳое, ки дар **дохили қавсайн, нохунак, қӯшнохунак** мебошанд, бо фосила ҷудо намешаванд. Масалан, «Windows XP».

• Барои иншои **рақамҳои римӣ** аз сарҳарфҳои I, V, X, L, C, M истифода бурда мешавад.

# ҲАРАКАТ ДАР САРОСАРИ ҲУҶҶАТҲО

Ҳаракатҳо дар ҳуҷҷат бо кӯмаки клавишҳои зерини ақрабакдор амалӣ мегарданд:

- клавишҳо ҳангоми аз як сатр ба сатри дигар ё ки аз як аломат ба дигараш гузаштан;
- аз як калима ба дигараш баробари доштани клавиши «Ctrl», клавиши → ё ки ← пахш карда мешавад;
- аз як сархат ба дигараш баробари дошта истодани клавиши «Ctrl» клавиши ↑ ё ↓ пахш карда мешавад;
- аз як саҳифа ба дигараш бо кӯмаки клавишҳои Page Up ва Page Dn;
- дар аввали сатр бо кӯмаки клавиши «Home», дар охири сатр бо кӯмаки клавиши «End» ;
- дар оғози матн бо кумаки клавиши Ctrl + Home, дар охири матн — Ctrl — End ;
- Дар ҳуҷҷати **«Word»** имконияти варақзании ҳуҷҷат, яъне имконияти дидани сатрҳои пешинаву баъдина, ҳамчунин саҳифа ҳаст:




Барои иҷрои амалҳои тарафи чап нишондиҳандаи мушакро ба ҷои нишондодаи расм равона намуда. тугмаи чапи мушакро як бор пахш кардан кифоя аст. Дар ин лаҳза курсор дар ҷои худ меистад.



## *САВОЛ ВА СУПОРИШҲО*

1. Кадом намуди ҳолати ҳуҷҷат дар барномаи «Word» мавҷуд аст?
2. Ҳангоми ба кор оғоз намудани барномаи «Word» кадом ҳолати намуди ҳуҷҷат намоён мегардад?
3. Ҳангоми сабти матн дар барномаи «Word» ба сархатти нав чӣ гуна мегузаранд?

4. Чӣ гуна навиштани тиреи дарозро дар «Word» нишон диҳед.
5. Чӣ тавр навиштани тиреи хурдро дар «Word» нишон диҳед.
6. Рақамҳои римӣ чӣ тавр навишта мешаванд?
7. Курсорро саросари матн чӣ тавр ҳаракат кунондан мумкин аст. Онро нишон диҳед.
8. Кадом усулҳои варақзании матн мавҷуданд?
9. Курсор ҳангоми варақзании матн чӣ гуна ҳаракат мекунад?
10. Ғилдиракчаи мушак барои чӣ лозим аст?
11. Ҳуҷҷатро иборат аз панҷ сатр бо унвони «Оилаи ман» таҳия кунед.

### *МАШҚҲО*

1. Ба сутуни чап ҷумлаи мувофиқро аз сутуни рост гузоред.

| | |
|---|---|
| **Ҳолати саҳифа** | ҳолати қулай барои хондани ҳуҷҷат дар экран |
| **Ҳолати хондан** | ҳолат барои даровардан, таҳрир ва андозагирии матн |
| **Ҳолати оддӣ** | дар ин ҳолат хатҳои уфуқӣ ва шоқулӣ акс меёбанд. |

2. Ба ҳуҷҷати унвонаш «Тарҷимаи ҳол» сархатти нави панҷсатраро иборат аз маълумотҳои зерин илова кунед:

а) бародарон ва хоҳарон, номи онҳо, санаи зодрӯз, ҷои кор ва таҳсили имрӯза;

б) баҳоҳоятон оид ба фанҳо.

## Дарси 4. ПАРАМЕТРҲОИ АСОСИИ ҲУҶҶАТҲО

Пеш аз он ки дар процессори матнии **«Word»** кор сар мекунем, аввало намуди ҳуҷҷатро пеши назар овардан лозим. Зеро, мувофиқи намуди ҳуҷҷат андозаи коғаз, самти саҳифа, масофаи байни сатрҳо муайян мегарданд.

### ПАРАМЕТРҲОИ ҲУҶҶАТ

Ҳаётамонро бидуни ҳуҷҷатҳои мухталиф тасаввур кардан ғайриимкон аст. Баробари таваллуди кӯдак ба ӯ шаҳодатномаи таваллуд дода, аз хусуси саломатиаш варақа кушода мешавад ва ҳоказо. Квитансияи пардохти ҳаққи энергияи барқ, навиштани реферат ё

иншо дар ин ё он мавзӯъ низ ба ҳуҷҷат мисол шуда метавонад. Рӯйхати мазкурро давом додан мумкин аст. Онҳо аз ҳамдигар на фақат аз рӯи маъно, балки аз рӯи хусусиятҳои хосашон ҳам фарқ мекунанд. Аввало, мо диққату эътиборро ба андозаҳои мухталифи ҳуҷҷатҳо менигаронем. Зеро, ҳуҷҷатҳои мухталиф дар коғазҳои андозаашон гуногун навишта мешаванд. Ғайр аз ин, матн дар рӯи саҳифа бо тарзи гуногун ҷойгир шуда метавонад: чап, рост, боло ва поён. Чунки дар ҳуҷҷатҳои мухталиф майдон андозаи гуногунро молик мебошад. Дар ҳуҷҷатҳои мухталиф масофаи байни сатрҳо ҳам ҳар хел шуданаш мумкин аст. Дар ҳуҷҷатҳо чунин монеаҳо бисёр дучор меоянд.

Вобаста ба намуди ҳуҷҷатҳо дар процессори матн **андозаи саҳифа** ва **параметрҳои матн (ҳуруф, сархат)** гузошта мешавад. Онҳо **параметрҳои ҳуҷҷат** ном доранд.

## ПАРАМЕТРҲОИ САҲИФАҲО

Ҳангоми тайёр кардани ҳуҷҷати дилхоҳ пеш аз ҳама андозаи коғазеро, ки дар он чоп карда мешавад, муайян мекунанд. Барои ин ба менюи **Файл** медароем. Аз паиҳамии амалҳои менюи Файл амали **«Параметры страницы» (Параметрҳои саҳифа)** интихоб карда мешавад. Дар экран даричаи мулоқоти Параметры страницы **(Параметрҳои саҳифа)** пайдо мегардад. Он аз се илова (маҷмӯи замимаҳо) иборат аст. Аз онҳо иловаи Поля **(Ҳошия)** дар экран акс меёбад. Дар ин илова чӣ қадар ҷои холӣ мондан дар самтҳои болову поён, чапу рост намоён мегардад. Ҳангоми интихоби параметрҳои қисми Образец **(Намунаи)** илова нусхаи саҳифаи мос акс ёфта меистад. Ягон параметр тағйир дода шавад, нусхаи саҳифаи мазкур ҳам ба он мос филфавр дигаргун мешавад. Ҳамчунин дар ин илова (замима) самти



саҳифа ҳам аниқ карда мешавад. Он метавонад книжная **(саҳифаи китобӣ)** ё ки альбомная **(албомӣ)** бошад.

Самти саҳифа интихоб гардида, андозаи коғаз муайян карда мешавад. Барои ин замимаи Размер бумаги **«Андозаи коғаз»** интихоб мегардад. Бо кӯмаки замимаи мазкур бар (васеъгӣ) ва қади (баландии) саҳифа даровварда, ё ки аз андозаи таклифшуда яке интихоб карда мешавад. Масалан, дар андозаи **А4** васеъгии саҳифа **21 см**, баландиаш **29,7 см**, дар **андозаи Леттер** васеъгии саҳифа **21,59 см**, баландиаш **27,94 см**. мешавад ва ҳоказо.




Пас аз муайян кардани андоза ва ҳошияҳои саҳифа тугмаи **«ОК»**-и оинаи мулоқотии (даричаи) Параметры страницы **«Параметрҳои саҳифа»** (бо кӯмаки мушак) интихоб мегардад ё ки клавиши «Enter» пахш карда мешавад.

## ПАРАМЕТРҲОИ ШРИФТ (ҲУРУФ)

Баъди интихоби **параметрҳои саҳифа** аломатҳои параметрҳои матн (намуду андозаи ҳуруф, сархат (абзатс), масофаи байни сатрҳо) гирифта мешавад.

Барои интихоби шрифти зарурӣ ба менюи **«Формат»** даромада, амали A Шрифт... **«Шрифт А...»** интихоб мегардад. Дар экран даричаи мулоқотии **«Шрифт»** кушода мешавад. (Ба расми саҳифаи 22 нигаред). Яке аз **шакли навишти шрифтӣ** дар даричаи **«Шрифт»** интихоб мегардад. Масалан, **Times New Roman.** Номи шрифти интихобгардида дар даричаи махсус, ки болотар аз рӯйхати шрифтҳо истодааст, инъикос меёбад. Дар даричаи (Начертание:) яке аз намудҳои шрифтро интихоб мекунем. (**«оддӣ»**, **«курсив»**, **«нимсиёҳ»**, **«курсиви нимсиёҳ»**). Масалан, Обычный «Оддӣ»-ро интихоб мекунем.




Аз даричаи Размер: **«Андоза»** андозаи шрифтро интихоб мекунем. Масалан, **12.** Барои интихоби ранги шрифт тугмаи тарафи рости даричаи Цвет текста: **«Ранги матн»** (мили ба поён нигарондашуда)-ро пахш мекунем. Дар экран квадратчаҳои гуногунранг пайдо мешаванд. Бо кӯмаки мушак яке аз ин рангҳоро интихоб менамоем. Масалан, **сурх.** Пас аз интихоби намуд, шакл, андоза ва ранги Шрифт, тугмаи **«ОК»**-и даричаи мулоқотии **«Шрифт»** ё ки клавиши **«Enter»** пахш мегардад.

Параметрҳои шрифтро аз панели асбобҳои **АНДОЗАКУНӢ** (формат) низ интихоб кардан мумкин аст.

## ПАРАМЕТРҲОИ АБЗАТС (САРХАТ)

Барои интихоби параметрҳои абзатс (сархат) (фосилаи абзатс, масофаи байни сатрҳо) дар менюи **«Формат»** шӯъбаи Абзац... **«Абзатс»** интихоб мегардад. (Ба расми саҳ. 23 нигаред).

Аз даричаи мулоқотии **«Абзатс»** замимаи Отступы и интервалы **«Фосила ва интервал»**-ро интихоб мекунем. (Ба расми саҳифаи 23 нигаред).




> Дар қисми **«Отступы» фосилаи Абзатс,** дар қисми **«Интервалы» масофаи байни сатрҳоро** интихоб мекунем.

Барои ин ба ҷойҳои махсус ҷудогардида қимати заруриро мегузорем ва яке аз қиматҳои пешкашшударо интихоб менамоем. Масалан, фосилаи абзатс 1,27 см ва байни сатрҳо 1,5 интервал. Дар ин замима даричаи «Образец» **«Намуна»** мавҷуд аст. Дар он намунаи матни мувофиқ дода мешавад. Пас аз интихоби қиматҳои мувофиқ тугмаи **«OK»** ё ки клавиши «Enter»-ро пахш мекунем.

Фосилаи абзатсро ҳамчунин аз рӯи **хатти уфуқӣ** низ гузоштан мумкин аст. Барои ин бо ёрии мушак нишондиҳандаи абзатс дар хатти уфуқӣ ба тарафи рост ба таври зарурӣ гузаронда мешавад.




Азбаски усули мазкур ниҳоят қулай аст, аз он истифода мебаранд.

## *САВОЛ ВА СУПОРИШҲО*

1. Аз ҳуҷҷатҳои расмӣ мисолҳо оваред?
2. Параметрҳои асосии ҳуҷҷатҳоро шуморед.
3. Параметрҳои матн гуфта чиро мефаҳмед?
4. Андозаҳои саҳифаҳо чӣ тавр гузошта мешаванд?
5. Самти саҳифа чист?
6. Ҳошия чист ва он чӣ тавр гузошта мешавад?
7. Фосилаи сархат (абзатс) чист?
8. Дар компютери Шумо чӣ гуна шаклҳои навиштани ҳуруф ҳастанд?
9. Аз хусуси андозаи шрифт (ҳуруф) ҳарф занед?
10. Ранги шрифтро чӣ тавр тағйир додан мумкин аст?
11. Масофаи байни сатрҳоро чӣ тавр тағйир медиҳанд?

## *МАШҚҲО*

1. Дар ҳуҷҷати унвонаш «Тарҷимаи ҳол» андоза, ранги шрифт, усули ҳамвор сохтану фосилаи абзатсро тағйир диҳед.

2. Аз параметрҳои саҳифа саҳифаи «Альбом-ро интихоб карда, аз рангу андозаҳои мухталифи шрифт истифода бурда, ҳуҷҷати иборат аз панҷ сатри унвонаш «Ватани ман»-ро таҳия созед.

# Дарси 5. ОФАРИДАН ВА МАҲФУЗ ДОШТАНИ ҲУҶҶАТ

Усулҳои офаридан ва маҳфуз доштани ҳуҷҷатҳои матнӣ дар **«Word»** бисёр буда, онҳо мувофиқи вазъият истифода мегар-данд. Барои дар хотир нигоҳ доштани усулҳои мазкур каме машқ карданатон кифоя мебошад.

## ОФАРИДАНИ ҲУҶҶАТ

Барои офаридани ҳуҷҷати матн сараввал саҳифаи нав (майдони корӣ) кушода мешавад. Дар «Microcoft Word» ин амал чунин ҷараён мегирад:

а) ҳангоми ба кор андохтани барнома ҳуҷҷати нав офаридашуда Документ 1 номида шуданаш таклиф мегардад;

б) дар менюи Файл фармони (Создать) **(ҳосилкунӣ)** интихоб мегардад. Оқибат барои чиндани матн саҳифаи нав кушода мешавад. Амали мазкурро ҳамчунин баробари пахш кардани тугмаи **«ҲОСИЛКУНӢ»** дар панели **стандартии** асбобҳо низ иҷро кардан мумкин аст.

Бо ҳамин тайёркунии ҳуҷҷати матн оғоз меёбад. Вобаста ба хусусияти ҳуҷҷати офаридашаванда параметрҳои ҳуҷҷатҳои дар боло зикргардида гузошта мешавад.

Маълум аст, ки матн аз ҷумла, ҷумла аз калимаҳо, калимаҳо аз ҳарфҳо иборатанд. Ғайр аз ин, дар матнҳо аломатҳои махсус истифода мегарданд. Тамоми аломатҳо дар клавиатура мавҷуданд. Аз ин рӯ, тартиби ҷойгиршавии клавишҳоро дар клавиатура чӣ қадар хуб донед, чиндани матн ба осонӣ мекӯчад. Барои ин клавишҳои заруриро паи ҳам пахш кардан кифоя аст. Мувофиқан бо тугма аломати майдони корӣ, ҷое, ки курсор нишон медиҳад, навишта мешавад. Пас аз навишт курсор ба як позитсия сӯи рост мегеҷад.

Агар дар ёдатон бошад, ғайр аз ин якчанд тугмаи идоракунии курсор мавҷуд. Аз ҳама муҳимтаринаш «Enter» аст. Ҳангоми пахши тугмаи «Enter» курсор ба аввали сатр мекӯчад. Он дар матн охири як абзатс ва оғози абзатси дигарро мефаҳмонад. Бо ёрии тугмаи «Ба чап», «Ба рост». «Ба поён», «Ба боло» курсорро ҳамчунин ба чап, рост, поён ва боло кӯчонидан мумкин аст.

Дар баъзе тугмаҳо (клавишҳо) тасвири ду ё се аломат инъикос ёфтааст. (Нигоҳ кунед ба китоби дарсии синфи 5);




Ҳангоми пахш намудани тугмаҳои мазкур пайдошавии яке аз онҳо дар экран ба режими кори компютер ва клавиатура вобаста мебошад. Масалан, ҳангоми пахши тугмаи матни v м дар экран яке аз чор аломат пайдо мешавад:

1. Компютер дар режими алифбои лотинӣ ва ҳарфҳои хурд, аломати «v»;

2. Компютер дар режими алифбои лотинӣ ва ҳарфҳои калон, аломати «V»;

3. Компютер дар ҳолати алифбои кириллӣ ва ҳарфҳои хурд аломати «м»;

4. Компютер дар ҳолати алифбои кириллӣ ва ҳарфҳои калон, аломати «М».

Ҳарфҳои хурди алифбо **«регистри поёнӣ»**, ҳарфҳои калон **«регистри болоӣ»** ном доранд. Ҳангоми фурӯзон намудани компютер клавиатура дар ҳолати (режими) регистри поёнӣ меистад. Барои навиштани аломатҳои регистри болоӣ бояд тугмаи «Шрифт» якҷоя бо тугмаи зарурӣ пахш карда шавад. Аз ин мебарояд, ки регистри болоӣ ҳангоме ки тугмаи «Shift» пахш гардидааст, кор мекунад. Пас аз сар додани тугмаи «Shift» клавиатура боз ба режими регистри поёнӣ мегузарад.

Баъзан зарур меояд, ки қисми матн танҳо бо ҳарфҳои калон иншо гарданд. Дар ин сурат клавиши (тугмаи) Caps Lock истифода мегардад. Ҳангоми пахш намудани ин тугма индикатори **«Caps Lock»** дар қисми болоии рости клавиатура дар мегирад ва клавиатура ба ҳолати регистри болоӣ мегузарад. Тугмаи «Caps Lock» аз нав пахш карда шавад, индикатори **«Caps Lock»** хомӯш мегардад ва клавиатура ба ҳолати регистри поёнӣ бармегардад.

> Барои навиштани ҳарфҳои калон пахш кардани клавиши «Шрифт»-ро фаромӯш накунед!»
>
> Агар танҳо ҳарфҳои калонро навиштан зарурояд, аз клавиши Caps Lock истифода баред!

## МАҲФУЗИЯТИ ҲУҶҶАТҲО

Матни офаридашуда бояд ба диск сабт шавад. Барои ин то ба охир навишта шудани матнро интизор шудан шарт нест. Одатан, баробари оғози даровардани матн он дар диск сабт шуда, то анҷоми навиштани матн тез-тез маҳфуз доштан мувофиқи мақсад мебуд. Чунки бо сабабҳои мухталиф компютер метавонад хомӯш гардад, он вақт дар диск танҳо шакли охирини ҳифзкарда мемонад.

Барои маҳфуз доштани матн, агар он бори аввал маҳфуз мешуда бошад, фармони (Сохранить) (ё ки **«Маҳфуз дор»**) (Сохранить как...)-ро дар менюи **Файл** интихоб мекунем. Оқибат дар экран даричаи **«Маҳфузияти ҳуҷҷат»** во мегардад (Ба расми саҳифаи 27 нигаред).

Папкаи зарурӣ (**Папка**) интихоб гашта, номи файл (масалан, **реферат аз информатика**) навишта мешавад ва тугмаи (Сохранить) пахш мегардад. Ҳангоми ҳифзиояндаи матн фармони **«Сохранить»** дар менюи **Файл** интихоб карда, ё ки тугмаи дар панели **стандартии** асбобҳо пахш мегардад.




Агар файли пештар маҳфузгардидаро бо номи нав ё ба папкаи нав навиштан зарур гардад, дар он сурат фармони (Сохранить как...) -ро дар менюи **Файл** интихоб менамоем.

Дар вақт-вақташ маҳфуз доштани матни навишташавандаро фаромӯш накунед!



## *САВОЛ ВА СУПОРИШҲО*

1. Офаридани ҳуҷҷати нав аз чӣ оғоз меёбад?
2. Барои офаридани ҳуҷҷати нав дар барномаи «Word» кадом амалҳо иҷро карда мешаванд?
3. Бо кӯмаки кадом панели асбобҳо саҳифаи навро во мекунед. Онро дар амал нишон диҳед.
4. Курсор бо ёрии кадом клавиш (тугма) тавассути матн ҳаракат мекунад?
5. Ба экран баровардани яке аз чанд аломатҳо ба чӣ вобаста аст?
6. Регистрҳои болоӣ ва поёнӣ чистанд?
7. Барои навиштани ҳарфҳои калон кадом тугмаро пахш кардан лозим?
8. Бо кӯмаки кадом тугма танҳо ҳарфҳои хурдро навиштан мумкин аст?
9. Кадом усулҳои маҳфузияти ҳуҷҷатҳо ҳастанд? Онро дар амал нишон диҳед.

## *МАШҚҲО*

1. Ҳуҷҷатро тахти унвони «Ватани ман» кушоед. Тавассути ҳамин ҳуҷҷат саҳифаи нав офаред ва хуҷҷати холиро бо унвони «Суруди миллии Ӯзбекистон маҳфуз доред.

2. Ҳуҷҷатро тахти унвони «Суруди миллии Ӯзбекистон» кушоед ва нақорати мадҳияи Ватанамонро нависед.

# Дарси 6. ТАҲРИРИ ХУҶҶАТҲО

Ба матне, ки бо даст ё худ тавассути мошинкаи хатнависӣ иншо гардидааст, тағйироту илова даровардан душвориҳо дорад. Дар аксар ҳол матни тағйирот даровардашуда аз нав иншо мегардад. Дар компютер муҳаррирони матн ва просессорҳои матн ба даровардани тағйироту иловаи дилхоҳ дар матн имконият медиҳанд. Дохил кардани тағйирот ба матни хуҷҷат **таҳрири матни хуҷҷат** номида мешавад. Масалан, ҳангоми ҷараёни таҳрири ҳуҷҷат ягон аломат маҳв, иваз ё ки ҷойгир сохта, қисми маълуми матн маҳв гашта, нусхааш кӯчонда ё ки ҷояш иваз карда мешавад.

## ГУЗОШТАНИ АЛОМАТИ НАВ БА МАТН

Ҳангоми таҳияи матн ба хатогиҳо роҳ гузоштан мумкин аст. Баробари навиштани матн фикр тез-тез тағйир меёбад. Дар ин ҳолат ба матни бехато иншогардида ҳам тағйирот ва иловаҳо дохил шуданаш муқаррар аст.

Яке аз корҳое, ки аз ҳама бештар барои таҳрири матн ба иҷро мерасад, маҳв сохтани аломати зиёдатӣ ё ки ҷойгир намудани аломати афтодамонда мебошад.

Ҷараёни ба матн гузоштани аломати нав ин тавр амалӣ мегардад:

1. Курсор ба ҷои тағйирёбанда аломати заруриро мегузорад.
2. Аломатҳои заруриӣ аз клавиатура чинда мешаванд.

# ҶУДОКУНИИ ҚИСМИ МАТН

Қисми кайдшудаи матн **блок** ном дорад. Одатан блок дар фони сиёҳ бо шакли аломати сафед (масалан, ранга) тасвир мегардад. Бо кӯмаки блоки қайдшуда амалҳои гуногунро иҷро кардан мумкин аст (маҳв сохтану нусха бардоштан, андоза гирифтан, тағйири ҳарф ва ҳоказо).

Қайдкунии блок дар матн бо ёрии **клавиатура** ё ки **мушак** ба амал бароварда мешавад. Барои ин блок бо кӯмаки клавиатура қайд карда шавад, курсор бояд ба оғози блоки кайдшуда гузошта, тугмаи «Шрифт» дар ҳолати пахшуда истода, курсор ба охири қисми қайдшуда (рамз, калима, сатр ё ки абзатсу саҳифа) чун ақрабаки → ↓ ҳаракат мекунад. Барои муайян кардани тамоми ҳуҷҷат лозим меояд, ки дар як вақт тугмаи «Шрифт» ва ҳарфи лотинии «А» пахш гарданд.

Блокро бо кӯмаки мушак бо бисёр усул ҷудо кардан мумкин аст. Масалан:

• курсори **мушак ба ҷои зарурӣ гузошта,** тугмаи чапи он пахш карда мешавад;

• барои қайд кардани **калима** курсори мушакро ба калимаи қайдшуда оварда, тугмаи чапи мушак 2 маротиба дар болои ин калима пахш карда мешавад;

• баробари ҷудо кардани **абзатс** курсори мушак ба абзатси қайдшуда оварда, тугмаи чапи мушак дар болои ин абзатс се маротиба пахш мегардад;

• барои қайд кардани **абзатс** курсори мушак ба майдони оғози сатр оварда, тугмаи чапи мушак ду маротиба пахш мегардад;

— барои қайд кардани **ҷумла** курсор ба охири ҷумла оварда, тугмаи «Ctrl» дошта, тугмаи чапи мушак як бор пахш мегардад:

• барои қайд кардани **сатр** курсори мушак ба майдони оғози сатр оварда, тугмаи чапи мушак як маротиба пахш мегардад;

• барои пурра қайд кардани **матн** нишондиҳандаи мушакро ба болои ҳошияи ягон сатр оварда, тугмаи чап се маротиба пахш карда мешавад;

• барои ҷудокунии **як қисми матн дар шакли чоркунҷаи рост тугмаи** «Alt» -ро дошта, тугмаи чапи мушак пахш карда, он то ба охири блоки қайдшуда расидан боздошта мешавад;

• тугмачаи ВДЛ -е, ки дар **ҳолати сатри** барнома ҷойгир шудааст, дар ҳолати қайдшудаи мушак тугмаи чапаш ду маротиба пахш гардад, ба тартиби дохилкунии матн гузаштан нишондиҳандаи мушак ба тугмаи навиштаҷоташ ВДЛ равона карда, тугмаи чап ду маротиба пахш мегардад.

## МАҲВ СОХТАНИ ҲУҶҶАТ

Баъзан ҳангоми навиштани матн аломати зиёдатиро маҳв сохтан лозим меояд. Агар аломати хато баъд аз курсор бошад, тугмаи — ← (дар зери тугмаи «Enter» ҷойгир буда, номи дуюми он Baskspace аст), агар аломат пеш аз курсор бошад, тугмаи «Delete» истифода мегардад.

**Маҳв сохтани қисми қайдшудаи матн.** Агар аз ҳуҷҷат калима, ҷумла, сатр ё абзатсро маҳв сохтан лозимояд, дар он сурат барои қайд кардани блок тугмаи Delete -ро пахш кардан зарур меояд. Баъзан блоки маҳвшавандаро ба ҷои дигари матн гузоштан лозим меояд. Барои ин дар блок қисми заруриро ҷудо карда, аз менюи (Правка) фармони (Вырезать)-ро интихоб мекунем ё ки дар **панели стандартии асбобҳо** тугмаи **«бурида шавад!»**-ро пахш мекунем. Блоки қайчишудаи матн муваққатан дар хотираи иловагии **(буфери)** хотираи оҷилӣ маҳфуз дошта мешавад.

## НУСХАБАРДОРИИ ҲУҶҶАТ

**Нусхабардории қисми қайдшудаи матн.** Қисми нусхабардор шудаи матн дар блок ҷудо гардида, дар менюи **«Правка» («Таҳрир»)** фармони (Копировать) интихоб мегардад. Матни ҷудогардида дар буфер ҷойгир мешавад. Барои гузоштани блок ба ҷои интихобшуда курсор дар ҳамон ҷои матн гузошта, фармони (Вставить) дода мешавад. Ин амалро бо кӯмаки тугмаҳои — **Копировать** ва — **«Вставить»** дар **панели стандартии асбобҳо** низ ба иҷро расондан мумкин аст.

**Кӯчонда гузоштани қисми қайдшудаи матн ба ҷои ихтиёрии матн**. Қисми қайдшудаи матн ба блок ҷойгир сохта, тугмаи («Вырезать») **«Буридан»** аз **панели стандартии асбобҳо** пахш карда мешавал. Оқибат, қисми қайдшудаи матн аз экран хориҷ намуда, ба хотираи иловагӣ (буфер) роҳ мегирад. Курсор ба ҷои зарурӣ оварда шуда, тугмаи **«Вставить»** дар **панели стандартии асбобҳо** пахш карда мешавад. Амали мазкурро бо тарзи дигар низ иҷро кардан мумкин аст: нишондиҳандаи мушак ба ҷои дилхоҳи блок гузошта, дар ҳолати пахш истодани тугмаи чапи мушак он ба ҷои қайдшавандаи матн оварда, тугма сар дода мешавад.



## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Таҳрири матн гуфта чиро мефаҳмед?
2. Амалҳоеро номбар кунед, ки ба таҳрири матн заруранд.
3. Аломати зиёдатӣ дар матн чӣ тавр маҳв карда мешавад?
4. Аломатҳои «афтодамонда» ба матн чӣ тавр гузошта мешаванд?
5. Блок чист?
6. Ягон қисми матн ба блок чӣ тавр гирифта мешавад?
7. Бо қисми қайдшудаи матн чӣ гуна амалҳоро ба иҷро расондан мумкин аст?
8. Нусхабардорӣ аз қисми қайдшудаи матн чист ва он чӣ гуна амалӣ мегардад?
9. Чӣ гуна усулҳои ба блок гирифтани абзатс мавҷуданд? Дар амал нишон диҳед.
10. Кадом усулҳои ба блок гирифтани аломатҳо ҳастанд? Дар амал нишон диҳед.
11. Усулҳои чӣ тавр дар блок ҷудо кардани калима, ҷумла ва матн ҳастанд?
12. Аломати пеш аз курсори ҳуҷҷатро чӣ гуна маҳв кардан мумкин аст? Баъди курсорро-чӣ?!
13. Калима, ҷумла, сатр ва абзатси ҳуҷҷатро чӣ тавр маҳв кардан мумкин аст? Дар амал нишон диҳед.



## МАШҚҲО

1. Ҳуҷҷатро таҳти унвони «Суруди миллӣ (Гимни Ӯзбекистон)» кушоед ва матни онро пурра нависед. Сипас, нақоратро нусха бардошта, аз он истифода баред.

2. Хатоҳоеро, ки ҳангоми навишти ҳуҷҷати «Суруди миллӣ» роҳ додаед, ислоҳ созед.

3. Аз ҳуҷҷати «Тарҷимаи ҳол» нусха бардошта, ҳуҷҷатро таҳти унвони «Оилаи ман» пурра гардонед.

Дарси 7.

# АНДОЗАКУНИИ (ФОРМАТИКУНОНИИ) ҲУҶҶАТ

Чуноне ки пештар зикр намудем, барои он ки матн зебову хоно бошад, аз ҳуруфҳову рангҳо ва андозаҳои мухталиф, суфтагии абзатс, хатти ҳад ва дигар нақшҳо истифода бурдан лозим меояд. Ба ҷо овардани ин корҳо **формат (андоза)** кардан ном дорад. Форматикунониро нисбати ҳуруф (шрифт), матн ва ё абзатс (сархат) истифода бурдан мумкин аст. Дар дарси мазкур Шумоён бо усулҳои форматикунонӣ ошно мегардед.

## ФОРМАТИКУНОНИИ МАТН

Ранги шрифт, намудҳои хат, андоза ва шакли навишти матн ин тавр форматӣ кунонда мешавад;

1. Қисми қайдшудаи матн, ки бояд форматӣ гардад, ба **блок** ҷудо карда мешавад;
2. Дар менюи **Формат** фасли A Шрифт.. **(ҳуруф)** интихоб мегардад;
3. Барои интихоби шрифти блок дар фасли «**Шрифт**» намуди зарурии навиштро қайд кардан зарур аст;
4. Ранг, андоза, намуди навишт ва дигар параметрҳои шрифт дар дарчаи дахлдор интихоб мешавад;
5. Баъди интихоби параметрҳои шрифт тугмаи **«ОК»** ё худ клавиши «Enter» -ро пахш кардан лозим.

## ФОРМАТИКУНОНИИ САРХАТ (АБЗАТС)

Дар ёдатон бошад, абзатс дорои чунин хусусиятҳо мебошад:

- васеъгии абзатс;
- усули ҳамвор кардани паҳлӯи саҳифаҳо (чап, рост, марказ ё ки бари саҳифа);
- сарсатри абзатс ва майдони сатр дар саҳифаҳои чап ва рост;
- фосилаи байни сатрҳо.

Барои форматикунонии абзатс:

1) курсор ба болои ҳамин абзатс гузошта мешавад;
2) дар менюи **Формат** фасли Абзац... **«Абзатс»** интихоб мегардад;




3) барои форматикунонии абзатс амалҳои зарурӣ ба иҷро мерасанд ва баъди дар дарича (оинаи мулоқотӣ) дидани намуна тугмаи «**OK**» ё клавиши «Enter» пахш карда мешавад.

Барои форматикунонии матн ё абзатс аз панели **форматикунонии** дар расм аксёфта дар панели асбобҳо истифода бурдан қулай мебошад.

Умуман, форматикунонӣ дар оғоз ё худ анҷоми навиштани матн ба иҷро расонда мешавад.

## ИСТИФОДАИ ПАНЕЛИ АСБОБҲОИ ФОРМАТИКУНОНӢ

**Форматикунонии қисми қайдшудаи матн.** Барои форматикунонӣ қисми матн ба блок гирифта, яке аз тугмаҳои «тарафи чап», «тарафи рост» ва «васеъгии саҳифа» пахш мегардад, ки дар панели форматикунонии панели асбобҳо ҷойгир аст.




**Тағйир додани намуди қисми навишти матни қайдшуда.** Барои тағйир додани шакли навишт қисми зарурии матн ба блок гирифта мешавад ва яке аз тугмаи **форматикунонӣ — «нимсиёҳ»**, **«курсив»** ва («Подчеркнуть») **«ба зераш кашидашуда»** пахш мегардад.

**Тағйир додани андозаи шрифт дар қисми қайдшудаи матн.** Барои тағйир додани андозаи ҳарф қисми зарурии матнро дар блок қайд мекунем ва тугмаи секунҷашакли 12 (Размер)-ро дар панели асбобҳо пахш намуда, андозаи зарурӣ аз рӯйхати пешкашшуда интихоб мегардад ё ки ба даричаи клавиатура дароварда мешавад.

**Тағйир додани ранги шрифти (ҳарфи) қисми қайдшудаи матн.** Барои тағйир додани ранги шрифт қисми зарурии матн дар блок қайд карда мешавад. Аз панели асбобҳои форматикунонӣ нишони секунҷаи тугмаи A Цвет шрифта **(ранги шрифтӣ)** пахш мегардад ва яке аз рангҳои пешкашгардида интихоб мегардад.

## *САВОЛ ВА СУПОРИШҲО*

1. Форматикунонии ҳуҷҷат чист?
2. Кадом меню ва панели асбобҳоро барои форматикунонӣ истифода мебаранд?
3. Шакли навишти қисми қайдшудаи матнро чӣ тавр тағйир додан мумкин аст?
4. Андозаи шрифти қисми қайдшудаи матнро чӣ тавр тағйир медиҳем?
5. Ранги шрифти қисми қайдшудаи матнро чӣ тавр тағйир додан мумкин?
6. Форматикунонии матн гуфта чиро мефаҳмед?
7. Имконияти форматикунонии матнро дар амал нишон диҳед.
8. Ҳангоми форматикунонӣ абзатс чӣ тавр тағйир меёбад?
9. Имконияти форматикунонии абзатро дар амал нишон диҳед.
10. Тавассути *панели форматикунонӣ* тағйир додани андозаи блок-ро дар амал намоиш диҳед.
11. Тавассути *панели форматикунонӣ* тағйир додани ранги блокро дар амал нишон диҳед.

## *МАШҚҲО*

1. Андозаи ҳуҷҷатро таҳти унвони «Суруди миллии Ӯзбекистон» тағйир диҳед.

2. Андозаи ҳуҷҷатҳоро таҳти унвонҳои «Тарҷимаи ҳол» ва «Оилаи ман» тағйир диҳед.

## Дарси 8. МАШҚҲО ОИД БА ТАҲРИРУ АНДОЗАКУНИИ ҲУҶҶАТҲО

1. Дар барномаи Word матнро таҳти унвони **Байрақи давлатӣ** нависед, бо ҳамин ном онро маҳфуз доред, таҳрир кунед ва андозаашро тағйир диҳед.

2. Дар Word таҳти мавзӯи «Мактаби ман» ҳикоячае нависед, бо ҳамин унвон маҳфуз доред, онро таҳрир карда, андозаашро тағйир диҳед.

3. Мувофиқан ба мавзӯъҳои поёнӣ матни хосро таҳия созед, андозаашро тағйир дода, маҳфуз доред:

а) «Ӯзбекистон — Ватан — модарам!»;
б) «Ассалом, Наврӯз!»;
в) «Тирамоҳи заррин»;

г) «Об манбаи — ҳаёт»;
д) «Мактаб — маскани дониш»;
е) «Тани сиҳат — ақли солим».

## Дарси 9. КОР БО РАСМҲОИ ҲУҶҶАТ

Ҳангоми офаридани баъзе ҳуҷҷатҳо расмҳо ва ҷадвалҳо истифода мегарданд. Ҳолати мазкурро бештар дар саҳифаҳои рӯзномаҳо, маҷаллаҳо, китобҳо дидан мумкин аст. Аз он ҷумла дар китоби дарсие, ки дар даст доред, низ расм ва ҷадвалҳо хеле зиёданд. Нақша ва расмҳои мухталиф ҳуҷҷатҳоро аёнӣ, шавқовар ва фаҳмо менамоянд.

### ҶОЙГИРКУНИИ РАСМ БА ҲУҶҶАТ АЗ КОЛЛЕКСИЯИ РАСМҲОИ MS WORD




Расмро ба ҳуҷҷат бо усулҳои гуногун ҷойгир сохтан мумкин аст. Яке аз онҳо ворид кардани расми тайёр дар файл ба ҳуҷҷати матндор мавҷуд аст. Иҷрои ҷараёни мазкурро дар протсессори матнии Word дида мебароем.

Ба таъминоти барномавии протсессори матнии Word зиёда аз 100 расм ворид гардидааст. Онҳо ҳангоми ороиши ҳуҷҷатҳои мухталиф истифода мешаванд. Барои ин курсорро дар ҷое, ки расм гузошта мешавад, бoздоштан лозим. Пас аз менюи **Ҷойгирсозӣ** банди 

**«Расмҳо»**-и қисми 

**«Расм»** интихоб мешавад. Дар экран даричаи 

**(Коллексияи клипҳо)** кушода мешавад. Дар даричаи мазкур бо кӯмаки амалҳои **«Искать»**, **«Искать объекты»**, **«Просматривать»** расми тайёрро интихоб кардан мумкин.

Аз коллексияи клипҳо расмҳои дахлдор ба мавзӯъҳои мухталиф, суратҳо, филмҳо ва овозҳо

бо кӯмаки мушак интихоб мегардад. Яъне, нишондиҳандаи мушакро ба болои расми зарурӣ оварда, тугмаи чап пахш мегардад. Оқибат нусхаи расм ба ҷои он матне гузошта мешавад, ки дар он ҷо курсор ҳаст. Масалан, одами дар мошин нишастаро интихоб кунед, ба ҳуҷҷат дар шакли зерин дохил мешавад:



Табиист, ки барои интихоби расм аз байни беш аз 100 сурат вақти зиёде сарф мешавад. Барои суръатнокӣ пайдо кардани ҷараёни мазкур ба навъҳо ҷудокунии суратҳо аз рӯи мавзӯъ пешбинӣ гардидааст. Он ба тарзи зерин ба амал бароварда мешавад:




1. Дарачаи **«Коллексияи клипҳо»** кушода мешавад.

2. Баробари фармони **«Просматривать» «Дида баромадан»** рӯйхати мавзӯъҳо кушода мешавад.

3. Аз коллексияи ҷудогардида мавзӯи зарурӣ, масалан, **Времена года (фаслҳои сол)** интихоб мегардад. Агар мавзӯи интихобгардида дорои зермавзӯъҳо, яъне дар ҳолати мо-Зимистон, Тобистон, Тирамоҳ бошад, дар он сурат аз онҳо зарурашро интихоб кардан лозим.

4. Бо кӯмаки мушак тугмаи 

**«Оғоз»** пахш мегардад.

5. Расми зарурӣ ба ҳуҷҷат гузошта мешавад.

# БА ҲУҶҶАТ ГУЗОШТАНИ РАСМ АЗ ФАЙЛ

Ба ҳуҷҷат расмро на танҳо аз коллексияи расмҳои Word, балки аз файлҳои ихтиёрии расмҳо низ гузоштан мумкин аст. Барои ин банди шӯъбаи (Рисунок ▸)-и менюи **«Вставка»** интихоб мегардад. Оқибат дар экран даричаи (Из файла...) аз **«Добавление рисунка»** кушода мешавад.




Аз ин дарича дар банди **«Папка»** папкае, ки аз рӯйхати суратҳои папка ҷойгир аст, интихоб мегардад. Он дар майдони корӣ ҳосил мешавад ва баъди интихоби расм мебояд тугмаи **«Вставить»** барои гузоштани он ба ҳуҷҷат пахш гардад. Барои қайд кардани расм дар майдони корӣ нишондиҳандаи мушак бояд ба болои расми интихобгардида оварда, тугмаи чап пахш гардад. Дар гирди расми қайдшуда квадрати қабул ҳосил мегардад. Барои он ки расми интихобшуда ба ҳуҷҷат гузошта шавад, бо кӯмаки мушак клавиши **«Вставить»** пахш мегардад.

# ТАҒЙИР ДОДАНИ ФОРМАТИ РАСМИ ҲУҶҶАТ



Барои он ки матн ва расм ба ҳуҷҷат ҳамоҳанг ҷойгир шавад, одатан андоза ва мавқеи ҷойгиршавии расмро тағйир додан, яъне онро форматикунонӣ лозим аст. Пеш аз он ки форматикунонии расмҳо тағйир дода шавад, онро қайд кардан зарур. Барои ин нишондиҳандаи мушакро ба болои расм оварда, тугмаи чапи мушак пахш мегардад. Дар канори расми қайдшуда ростхатҳо, қатору паҳлӯяш нуқтаҳо пайдо мешаванд. Агар нишондиҳандаи мушак ба болои нуқта оварда, тугмаи чап пахш карда, онро дошта истода мушакро ҳаракат кунонем, андозаи расмро калону хурд кардан мумкин аст. Расми қайдшударо чун матни қайдшуда нусха бардоштан ё маҳв сохтан мумкин аст.

Дар Word имконияти интихоби ҷойгирсозии расм нисбати муносибат ба матн мавҷуд аст. Барои ин расмро қайд карда, тугмаи рости мушак пахш мегардад. Аз менюи зерматн формати расм **(Формат рисунка)** интихоб мегардад. Аз лавҳаи андозаи сурати дар экран



аксёфта банди **«Положение»**-ро интихоб мекунем. Акнун бо кӯмаки мушак яке аз 5 шакли пешкашкардаи ҷойгирсозии расмҳоро интихоб кардан лозим меояд:

- **В тексте** (Ба дохили матн).
- **Вокруг рамки** (Атрофи рамка).
- **По контуру** (Саросари контур).
- **За текстом** (Паси матн).
- **Перед текстом** (Пеши матн).

Ҳамчунин барои интихоби ҳолати мазкур дар лавҳаи **андозаи расм** расмҳои хурди хоси онҳо дода шудаанд. Мисолҳои ҷойгирсозии ин вариантҳо дар саҳифаҳо дар намунаи расмҳои хурд мавҷуданд. Барои интихоби вазъияти зарурӣ ба он нишондиҳандаи мушак оварда, тугмаи чап пахш мегардад. Оқибат, объект бо ҳуруфи кабуд ҷудо мегардад.Баъди он тугмаи OK -ро бо кӯмаки мушак пахш кардан лозим меояд.

Таъкид кардан ҷоиз аст: дар ҳолати **дохили матн** расм ба сифати қисми ҷудонопазири матн (шрифт) ҷойгир мешавад. Онро саросари сатрҳои матн ба сифати як қисми матн ҷудо кардан мумкин. Дар ҳолатҳои боқимонда бошад, расм аз матн алоҳида буда, онро ба ҷои дилхоҳи саҳифа ҷойгир сохтан мумкин.

Бо кӯмаки панели (Рисование)-и барномаи MS Word чанд суратро ба гурӯҳ даровардан, аз он баровардан, усули гузоштани онро тағйир дода, ба бандҳои **«Картинка»**, **«Автофигуры»** ва **«Объекти WordArt»** дохил шуда, намуд, андоза ва ранги сарҳади расмҳо тағйир дода, дар расмҳо сояро ба вуҷуд овардан мумкин аст.



## *САВОЛ ВА СУПОРИШҲО*

1. Барои чӣ ба ҳуҷҷатҳои матн расм ва ҷадвалҳо илова карда мешаванд?
2. Барои ҷойгирсозии расм ба ҳуҷҷат чӣ гуна ҷой нишон дода мешавад?
3. Дар просессорҳои матнии Word барои гузоштани расмҳо чӣ гуна амалиёт ба иҷро мерасад?
4. Расмро дар ҳуҷҷат чӣ тавр қайд кардан мумкин аст?
5. Расмро дар ҳуҷҷат чӣ тавр нусхабардорӣ ва ҷойгир кардан мумкин?
6. Аз ҳуҷҷат расмро чӣ тавр маҳв сохтан мумкин аст?
7. Андозаи расмро дар ҳуҷҷат чӣ тавр тағйир медиҳем?

## *МАШҚҲО*

1. Чанд расмро аз коллексияи клипҳои Word гурӯҳбандӣ кунед,
2. Расми коллексияи клипҳои Word-ро ба матн ҷойгир кунед ва андозаашро тағйир диҳед.
3. Ба файли пештар маҳфузбудаи унвонаш «Тарҷимаи ҳол» расм гузоред, ки мувофиқи мавзӯъ бошад.
4. Ба файли пештар маҳфузбудаи унвонаш «Оилаи ман» расмҳои доир ба ҳамин мавзӯъро гузоред.

## Дарси 10. СИМО ВА ТАРҲҲО ДАР ҲУҶҶАТҲО

Барои он ки ҳуҷҷат пурмазмун ва зебо бошад, баъзан ба матн тарҳ ё ки расм гузошта мешавад. Агар онҳо дар коллексияи Word набошад-чӣ? Дар он сурат онро аз барномаи **Paint** ҳозир кардан мумкин аст. **Word** имконияти кашидани симо ва тарҳро дошта, коратонро сабук мегардонад. Азбаски бисёр амалҳои дарси мазкур ба шумоён аз барномаи Paint маълум аст, иҷрои онҳо мушкилие нахоҳад овард.

### ПАНЕЛИ АСБОБҲОИ «РИСОВАНИЕ» (КАШИДАН)

Дар дарсҳои гузашта мо гузоштани расмро ба ҳуҷҷатҳо баррасӣ кардем. Имконияти просессори матниро истифода бурда, ба ҳуҷҷатҳо нақшаҳоро гузоштан мумкин аст. Ҳангоми пахш кардани тугмаи (Рисование) дар қисмати поёнии экран панели асбобҳои **«Расмкашӣ»** пайдо мешавад.



Вазифаҳои тугмаҳои асосии панели мазкур чунинанд:

| | | | |
|---|---|---|---|
| | — кашидани хати рост | | — кашидани росткунҷа |
| | — кашидани эллипс | | — рангкунии дохили симо |
| | — интихоби ранги хат | | — интихоби намуди хату штрих |

Ба ҷузъ ин, банди (Автофигуры) бисёр симоҳои тайёрро пешкаш менамояд. Азбаски шаклҳои банд мухталиф аст, мувофиқи мазмун ба гурӯҳҳо тақсим шудаанд. Масалан, (Линии), (Основные фигуры), (Блок-схема), (Звезды и ленты) Бо кӯмаки онҳо симоҳои гуногуни каҷу килеб, секунҷа, силиндр ва дигар тарҳҳоро кашидан мумкин.

Бо кӯмаки банди (Действия) симоҳоро тағйир додан, акс кунондан, гурӯҳбандӣ сохтан, аз гурӯҳ баровардан, тартиби онро тағйир додан мумкин аст.



## Кашидани хати рост



Тугмаи **«Хат»** -ро дар панели асбобҳои **«Расмкашӣ»** пахш кунем, нишондиҳандаи мушак шакли + -ро мегирад. Онро ба нуқтаи аввалини хати кашидашаванда мегузорем. Бо тугмаи чапи пахшгардидаи мушак ба нуқтаи охирин мерасем ва мушакро сар медиҳем.

## Кашидани росткунҷа



**Тугмаи росткунҷаро** -ро аз панели анҷомҳои расмкашӣ пахш мекунем. Нишондиҳандаи мушак шакли + -ро мегирад. Нишондиҳандаи мушакро ба гӯшаи чапи болои росткунҷаи кашидашаванда мегузорем. Онро ба кунҷи чапи болоии росткунҷаи кашидашаванда мегузорем, баробари пахш кардани тугмаи чапи мушак то кунҷи рости поён меорем ва тугмаро сар медиҳем. Умуман гирем, расмкаширо аз гӯшаи дилхоҳи росткунҷа боз кардан мумкин. Расмкашӣ қатъӣ назар аз кадом гӯшаи росткунҷа оғоз наёбад, он дар гӯшаи муқобили бари росткунҷа анҷом меёбад.

## Кашидани эллипс



Тугмаи **«Эллипс»** -ро дар панели **«Рисование»** **«Расмкашӣ»** пахш мекунем. Нишондиҳандаи мушак шакли + -ро мегирад. Ҳамон амалеро, ки бо росткунҷа карда будем, такрор менамоем. Яъне тугмаи чапи мушакро пахш намуда, онро дошта истода, ба самти бароямон зарурӣ менигаронем, то ки эллипси бароямон ҳаҷму вазъияти дилхоҳ доштаро ҳосил кунем.

## Кашидани камон

Тугмаи **«Камон»**-ро дар зербанди **«Основные фигуры»**-и банди «**Автофигуры**» **«Шаклҳои тайёр»**-и панели асбобҳои **«Расмкашӣ»** пахш мекунем. Ҳамон амалҳоеро, ки ба эллипс карда будем, такрор менамоем. Ба ҷои эллипс камон пайдо мегардад.



## Форматикунонии нақша

Барои **тағйир додани ранги хати** қайдшуда тугмаи «**Ранги хат**»-ро дар панели асбобҳо пахш мекунему яке аз рангҳои пешниҳодгардидаро интихоб менамоем.

Барои тағйир додани **шакли хат ё ки шакли штрих** тугмаи **«Шакли хат ё ки шакли штрих»**-ро дар панели  асбобҳои расмкашӣ пахш мекунему яке аз хатҳои пешниҳодшударо **(хати рост, пунктирӣ, хати самтдор ва ғайра)** интихоб намоем.

Барои ранг кардани тасвир тугмаи Цвет заливки **«Рангкунии дохили симо»**-ро пахш карда, яке аз рангҳои пешниҳодшударо аз панели  асбобҳои **расмкашӣ** интихоб мекунем.

Барои акс ё гардиши тасвир аз панели асбобҳои **«Расмкашӣ**-и банди **«Действия»** яке аз тугмаҳои пешбинишудаи **«Акси уфуқӣ»**, **«Акси шоқулӣ»** ё ки **«Гардиш»**-ро пахш мекунем.



Шакли ибтидоӣ | Акс аз чап ба рост | Гардиш

Чуноне ки аз гуфтаҳои болоӣ бармеояд, барномаи **MS Word** имконияти кашидани расмҳои мураккабро аз симоҳои оддӣ медиҳад. Спектри рангҳои пешниҳодгардида барои ранг кардан ниҳоят доманадор аст.

### *САВОЛ ВА СУПОРИШҲО*

1. Бо кӯмаки кадом панели асбобҳо дар процессори матни Word нақша кашидан мумкин аст?
2. Бо кӯмаки панели асбобҳои «Расмкашӣ» чӣ гуна амалҳоро ба иҷро мерасонем?
3. Хати ростро дар барномаи Word чӣ тавр мекашем?
4. Шакли хат ё штрихҳои қайдшударо чӣ тавр тағйир додан мумкин аст?
5. Росткунҷаро дар барномаи Word чӣ тавр мекашем?
6. Эллипсро дар барномаи Word чӣ тавр мекашем?
7. Камонро дар барномаи Word чӣ тавр мекашем? Дар амал нишон диҳед.
8. Ранги хатро дар барномаи Word чӣ гуна тағйир додан мумкин аст?
9. Аксро дар барномаи Word чӣ тавр ранг кардан мумкин аст?
10. Нақшҳо дар барномаи Word чӣ тавр акс меёбанд? Дар амал нишон диҳед.
11. Симоро дар барномаи Word чӣ гуна тофтан мумкин аст. Дар амал нишон диҳед.

### *МАШҚҲО*

1. Хат ва росткунҷаро истифода бурда, расми роботро кашед.
2. Хатро истифода бурда, расми хоначаро кашед.
3. Хатро истифода бурда, расми компютерро кашед.
4. Суратҳоро аз машқҳои 1—3 бо рангҳои мухталиф оро диҳед.

## Дарси 11. МАШҒУЛИЯТИ АМАЛӢ БО РАСМҲО ВА ТАРҲҲО

1. Аз имкониятҳои Word истифода бурда, расми саҳифаи 45-ро кашед.

2. Аз ҳуҷҷати унвонаш «Байрақи давлатӣ»-и маҳфуздоштаатон истифода бурда, акси байраққамонро кашед ва онро бо рангҳои дахлдор оро диҳед.




3. Ҳуҷҷати «Синфи компютерӣ»-ро таҳия сохта, саҳифаро дар шакли вароқи албомӣ кушода, имконияти Word-ро истифода бурда, ба тарафи девори дар он тиреза истода хонаи мазкурро кашед.

## Дарси 12. КОР БО ҶАДВАЛҲОИ ҲУҶҶАТҲО

Дар амалиёт ба ҳуҷҷатҳо баробари расм ҷадвалҳоро гузоштан ҳам лозим меояд. Ҷадвалҳо мухталиф мешаванд. Масалан, ҷадвали дарсҳои мактаб, саҳифаҳои рӯзнома ва журнали синф, ҷадвали мусобиқаҳои футбол ва ҳоказо. Шакл ва мазмуни ҷадвалҳои мазкур гуногун бошанд ҳам, аз миқдори сатр ва сутунҳои муайян иборатанд.

### МАФҲУМ ДАР БОРАИ ҶАДВАЛ

Ҷадвали дилхоҳ аз **п**-то **сутун** ва аз т-то **сатрҳо** иборат аст. Онҳо дар навбати худ ячейкаҳо (катакҳо) ба ҳисоб мераванд. Элементҳои асосии ҷадвал аз **ячейкаҳо** (катакҳо) иборатанд. Ячейкаро дар **Word микроҳуҷҷат** номидан мумкин аст. Дар катак матн навиштан, андозакунии он ва ҳатто расм ҷойгир сохтан мумкин. Ба сифати мисол дар

Word ҷадвалеро, ки аз 3 сутун ва 4 сатр иборат аст, мекашем, миқдори ячейкаҳо баробар 12 $(3 * 4 = 12)$ мегардад.

| Рақами тартибӣ | Расм | Вазифа (функсия) |
|---|---|---|
| 1 |  | дохил кардани ҳарф, рақам ва рамзҳои махсус, бо кӯмаки онҳо маълумот ва фармонҳои мухталиф даровардa мешавад. |
| 2 |  | вазифаеро иҷро мекунад, ки монанди вазифаҳои экрани телевизор мебошад. Яъне расми кашидашаванда, ҳарфҳои навишташаванда, филми намоишдиҳандаро акс мекунад. |
| 3 |  | сохторе, ки идоракунии компутер ва як қатор корҳои алоқаманди онро сабук мегардонад. |

## ДАР WORD ҶОЙГИРСОЗИИ ҶАДВАЛ

Ҷадвал дар **Word** чӣ тавр офарида шуданашро баррасӣ мекунем. Фараз мекунем, ки ҷадвали дар боло таҳиягардидаро тартиб додан лозим меояд. Барои ин дар просессори матнии **Word** амалҳои зерин ба иҷро мерасанд:

1. Аввало миқдори сутун ва сатри ҷадвалҳоро муайян мекунем: дар ҳолати мо ҷадвал аз 3 сутун ва 4 сатр иборат аст.

2. а) **Усули аввал:** миқдори сутун ва сатрҳо муайян карда, фармони Таблица **«Ҷадвал»**-ро дар банди Вставить «Ҷойгирсозӣ» ба менюи Таблица **«Ҷадвал»** интихоб мекунем. Дар даричаи пайдошуда миқдори сутун ва сатрро нишон медиҳем. Сипас клавиши **«Enter»** ё худ бо ёрии мушак тугмаи **«OK»**-ро пахш менамоем.

б) **Усули дуюм:** дар панели **стандарти** асбобҳо тугмаи **«Добавить таблицу»** пахш мегардад. Бо ёрии мушак миқдори зарурии ячейка қайд гардида, тугмаи чапи мушак пахш карда мешавад.




Оқибат ҷадвал дар шакли зерин офарида мешавад:

| | | |
|---|---|---|
| | | |
| | | |
| | | |

## БАЪЗЕ АМАЛҲО ДАР БОЛОИ ҶАДВАЛИ WORD

1. Дар сатри аввали ячейкаҳо одатан сарлавҳаи сутун, дар сутуни аввали ячейка бошад, рақами тартибӣ нишон дода мешавад. Ячейкаи ҷадвал бо маълумот пур мегардад. Барои ин нишондиҳандаи мушак ба болои ячейкаи зарурӣ гузошта мешавад, барои гузоштани он ба ячейкаи дигар клавиши **«Таб»** ва тугмаи идораи курсор истифода мегардад.

| Рақами тартибӣ | Расм | Вазифа (функсия) |
|---|---|---|
| 1 |  | даровардани ҳарф, рақам ва рамзҳои махсус, бо ёрии онҳо маълумот ва фармонҳои мухталиф дароварда мешавад. |
| 2 |  | вазифаи шабеҳи экрани телевизорро ба иҷро мерасонад, яъне расми кашидашаванда, ҳарфи навишташаванда, филми намоишдиҳанда намоён мегардад. |
| 3 |  | сохторе, ки идоракунии компютер, иҷро як қатор корҳоро бо он сабу мегардонад. |

2. Вобаста аз миқдори маълумотҳои ҷадвал бари сутунро тағйир додан мумкин аст. Барои ин нишондиҳандаи мушакро ба сарҳади хати ҷадвал меоварем. Вақте ки нишондиҳандаи мушак шакли  -ро

| Рақами тартибӣ | Расм | Вазифа (функсия) |
|---|---|---|
| 1 |  | ҳарф, рақам ва рамзҳои махсус, бо ёрии онҳо маълумот ва фармонхои мухталиф даровarда мешаванд. |
| 2 |  | вазифаҳои шабеҳи экрани телевизорро иҷро мекунад, яъне расми кашидашаванда, ҳарфи навишташаванда ва филми тамошошаванда намоён мегардад. |
| 3 |  | сохторе, ки идоракунии компютер ва корҳои он иҷрокунандаро осон мегардонад. |




мегирад, тугмаи чапро пахш намуда, онро нигоҳ дошта, ба самти дилхоҳ то ҳосил шудани ҳаҷми зарурӣ бурда меорем. Оқибат ҷадвал шакли саҳифаи 48-ро мегирад.

3. Яке аз амалҳои асосии кор бо ҷадвалҳо ба тартиб андохтани маълумотҳои он мебошад. Фараз мекунем, ки аз рӯи вазифаи сохтор онро аз рӯи самт ба тартиб андохтан лозим. Барои ин дар сутуни сеюми ҷадвал 3 ячейкаро бо маълумотҳо (чуноне ки дар дарси гузашта блокро қайд кардем) қайд мекунем. Сипас фармони Сортировка... **«Ба тартибандозӣ»**-ро аз менюи **«Ҷадвал»** интихоб менамоем. Дар дарички пайдошуда фармони по возрастанию **«Тартиби зиёдшавӣ»**-ро интихоб мекунем. Баъди пахш кардани клавиши **«Enter»** ё тугмаи **«OK»** бо кӯмаки мушак ҷадвали мо намуди зеринро мегирад:

| Рақами тартибӣ | Расм | Вазифа (функсия) |
|---|---|---|
| 1 |  | сохтори идораи компютер сохторест, ки иҷрои як қатор корҳоро бо он осон мегардонад. |
| 2 |  | вазифаҳои шабеҳи экрани телевизорро иҷро мекунад, яъне расми кашидашаванда, ҳарфи навишташаванда ва филми намоиш-додашаванда намоён мегардад. |
| 3 |  | аз ҳарф, рақам ва рамзҳои махсус иборат, бо кӯмаки он ба компютер маълумот ва фармонҳои мухталиф дароварда мешавад. |

## ФОРМАТИКУНОНИИ ҶУЗЪҲОИ ҶАДВАЛ

Маълумотҳои ячейкаи ҷадвалро дар алоҳидагӣ, хамчунин дар якҷоягӣ (дар блок қайд карда) **форматӣ кунондан** мумкин аст. Зимни он усули ҷойгирсозии маълумот, андоза, ранг ва шакли шрифт бо кӯмаки панели **«Форматикунонӣ»** ба осонӣ қайд мегардад. Ранги фони ячейкаҳо ва намуди ҳудуди онҳо бо ёрии фармони (Границы и заливка...) **«Сарҳадҳо ва рангмолӣ»**-и менюи **«Формат»** ё ки банди Свойства таблицы... **«Хосияти ҷадвал»**-и менюи «**Сарҳадҳо ва рангмолӣ»** омода мегардад.



### *САВОЛ ВА СУПОРИШҲО*

1. Мисолҳоро оид ба ҷадвал оред.
2. Ҷузъҳои ҷадвалро гӯед?
3. Барои чӣ ҷадвалро ба ҳуҷҷатҳои матндор илова менамоянд?
4. Ҷои ба ҳуҷҷат гузоштани ҷадвал чӣ гуна ишора мешавад?
5. Кадом усулҳои гузоштани ҷадвалро дар панели матнии Word медонед?

6. Маълумотҳои ҷадвалро чӣ тавр нусхабардорӣ кардан мумкин аст?
7. Ҷадвалро аз ҳуҷҷат чӣ тавр маҳв кардан мумкин аст?
8. Хусусиятҳои ҷадвалро чӣ гуна тағйир додан мумкин аст?
9. Дар ҷадвали ячейкаҳо чиро ҷойгир сохтан мумкин аст?
10. Амалҳои содаи дар болои ҷадвал иҷрошавандаро номбар кунед.
11. Васеъгии сутуни ҷадвалро чӣ тавр тағйир медиҳем?
12. Баландии сатри ҷадвалро чӣ тавр тағйир додан мумкин аст?
13. Маълумотҳои ҷадвал чӣ тавр ба тартиб андохта мешаванд? Дар амал нишон диҳед.
14. Ҳудуди ҷадвалро чӣ тавр тағйир додан мумкин аст? Дар амал нишон диҳед.
15. Сатҳи сатр, сутун ва ячейкаи ҷадвалро чӣ тавр тағйир додан мумкин аст? Дар амал нишон дихед.



## *МАШҚҲО*

1. Ба ҳуҷҷати унвонаш «Тарҷимаи ҳол» ҷадвалро бо маълумотҳо аз хусуси аҳли оила баробари ному насаб ва санаи таваллуд илова кунед.

Дар он:

а) аз матни пештар таҳияшуда нусха бардошта, ба ҷадвал ҷойгир созед;

б) аз ҷадвал нусха бардошта, ба он ҳуҷҷат ҷойгир созед ва мувофиқи қоидаи Алифбо бо тартиби акс номи авлодиро ҷудо кунед;

в) маълумотҳои ҷадвалро аз хусуси санаи зодрӯз баробари афзоиши синну сол ба навъҳо ҷудо кунед;

г) маълумотҳои ҷадвалро мувофиқи тартиби камшавии синну сол ба навъҳо ҷудо кунед.

2. Ба ҳуҷҷати унвонаш «Синфи компютерӣ» ҷадвалро баробари додани унвони навъҳои мебелҳо, миқдору ранги он илова кунед. Ҷадвалро нусха бардошта, маълумотҳоро мувофиқи тартиби афзоиш аз рӯи унвони мебелҳо ба навъҳо тақсим намоед.

3. Ба ҳуҷҷати унвонаш «Тарҷимаи ҳол» ҷадвалро баробари арзёбии ҳолати чоряки гузашта илова кунед. Аз ҷадвал нусха бардошта, мувофиқи тартиби афзоиш маълумотҳоро аз рӯи унвони предметҳо ба навъҳо ҷудо кунед.

# Дарси 13. АМАЛҲОИ БОЛОИ ҶАДВАЛ

Дар дарсҳои гузашта мо аз барномаи **Word** бо даровардани ҷадвал ба ҳуҷҷат, тағйир додани андозаи сутуни ҷадвал ва усулҳои ба навъҳо ҷудокунии маълумотҳо шинос шуда будем. Дар дарси мазкур Шумоён бо даровардани сатру сутуни нав, маҳв сохтани сатру сутун, муттаҳид сохтану ҷудокунии ячейкаҳо (катакҳо) шинос мегардед.

## ДАРОВАРДАНИ САТРУ СУТУНИ НАВ БА ҶАДВАЛ

Барои он ки як сатри нав дароварда шавад, курсор ба болои сатри ҳамсоя оварда, фармони Вставить ▸ аз менюи Таблица интихоб мегардад. Агар Шумо хоҳед, ки ба сатри болоии курсор сатри нав даровarda шавад, фармони, (Строки выше), агар ба сатри поёнӣ илова даровардани шавед, фармони (Строки ниже) -ро интихоб мекунед.

Барои он ки ба ҷадвал сутуни нав даровaрда шавад, сараввал курсорро ба болои сутуни ҳамсоя меоред ва фармони (Вставить ▸)-ро аз менюи Таблица интихоб мекунед. Агар, Шумо бар сутуни чапи шафати курсор илова дароварданӣ бошед, дар он сурат фармони (Столбцы слева), ба сутуни рост илова дароварданӣ бошед, фармони (Столбцы справа)-ро интихоб мекунед.

## МАҲВ СОХТАНИ САТР Ё КИ СУТУН

Баъзан дар ҷадвал зарурати маҳв сохтани сатр ё ки сутуни зиёдатӣ ба миён меояд. Онро бо усули осон маҳв сохтан душвор мебошад. Барои ҳамин амалҳои зеринро ба иҷро расондан лозим меояд. Аввало курсор ба болои сатр ё сутуни маҳвшаванда гузошта мешавад. Агар якчанд сатру сутунҳоро маҳв карданӣ бошед, онҳоро дар блок қайд

кардан лозим. Сипас, бо кӯмаки фармони (Удалить ▸) аз менюи Таблица, (Строки) ё ки (Столбцы)-ро интихоб менамоем.

## МУТТАҲИД СОХТАНИ ЯЧЕЙКАҲО (КАТАКҲО) ДАР ҶАДВАЛ

Ҳангоми ҷараёни кор якчанд сатру сутунро дар шакли росткунҷа ба блок гирифтан лозим омада, зарурати муттаҳид сохтани ячейкаҳо сар мезанад.

Барои муттаҳид сохтани ячейкаҳо амалҳои зеринро паи ҳам ба иҷро расондан лозим меояд:

1. Ячейкаҳои муттаҳидшавандаро ба блок мегирем.
2. Дар менюи **«Таблица»** фармони (Объединить ячейки)-ро интихоб менамоем.

## ҶУДОКУНИИ ЯЧЕЙКАҲОИ ҶАДВАЛ




Як ячейкаро ба якчанд ячейка ҷудо кардан лозим ояд, амалҳои зерин ба иҷро расонда мешаванд:

1. Курсорро ба болои ячейка меоварем, ё сатр ва сутуни заруриро ҷудо мекунем.
2. Дар менюи **«Таблицы»** амали (Разбить ячейки...)-ро интихоб менамоем.
3. Дар даричаи кушодашуда миқдори сутун ва сатрҳо қайд карда мешавад. Дар ин бобат миқдори сатрҳои ҳосилшуда аз миқдори сатрҳои сутуни ҳамсоя зиёд нашуданаш ва тақсимшаванда мувофиқи миқдори сатрҳои сутуни ҳамсоя шуданаш лозим.

# САМТИ МАТН ДАР ҶАДВАЛ

Дар ҷадвал матни ячейкаро уфуқӣ, шоқулӣ ҷойгир сохта, дар самти амудӣ аз боло ба поён, аз поён ба боло навиштан мумкин аст. Барои ин:

1. Курсор ба болои ячейкаи зарурӣ гузошта мешавад.
2. Баъди пахш намудани тугмаи рости мушак дар экран (**«Меню-контекст»**) **«Қарина»** пайдо мешавад.
3. Аз менюи **«Контексты»**, ки дар экран пайдо мешавад, амали (Направление текста...) интихоб мегардад. Оқибат дар экран даричаи интихобии **«Направление текста»** пайдо мешавад.




4. Аз дарича пайдошуда самти матнро интихоб менамоем ва клавиши **«Enter»** ё ки тугмаи **«ОК»**-ро бо кӯмаки мушак пахш мекунем.

## *САВОЛ ВА СУПОРИШҲО*



1. Дар болои ҷадвал чӣ гуна амалҳоро ба иҷро расондан мумкин аст?
2. Ба ҷадвал гузоштани сатру сутуни навро нишон диҳед.
3. Сатру сутунро аз ҷадвал чӣ тавр маҳв кардан мумкин аст?

4. Блокро аз ҷадвал чӣ тавр ҷудо мекунем?
5. Ячейкаро дар ҷадвал чӣ тавр мутаҳҳид сохтан мумкин?
6. Ячейкаро чӣ тавр дар ҷадвал тақсим менамоем?
7. Самти матн дар ячейкаи ҷадвал чӣ тавр мешавад? Тавзеҳ диҳед.
8. Ҷадвали андозааш 2×3-ро тартиб дода, онро аз рӯи сутунҳо бо рангҳои мухталиф оро диҳед.
9. Маълумотҳои сатрҳои ҷадвалро бо рангҳои гуногун оро диҳед.

## *МАШҚҲО*

1. Ҷадвали зеринро тартиб диҳед.

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |

2. Ҷадвали зеринро тартиб диҳед.

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| синфи 6 | MS Word | | | MS Word |
| | | MS Word | | |
| | | синфи 6 | | |
| | BMA | | синфи 6 | BMA |

3. Ҷадвали зеринро тартиб диҳед.

| Рақами тартибӣ | **Ном, насаб, номи падарӣ** | Санаи зодрӯз | ***Баллҳои рейтингӣ Синфи 6*** | | | | балли солона | **Манзил** | Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | *нимсолаи якум* | | *нимсолаи дуюм* | | | | |
| | | | чоряки 1 | чоряки 2 | чоряки 3 | чоряки 4 | | | |
| 1 | | | | | | | | | |
| 2 | | | | | | | | | |

# Дарси 14. ОБЪЕКТҲОИ WordART

Барои он ки ҳуҷҷати Word боз ҳам назаррабо гардад, калима ё ки як қисми матнро дар шакли рамзи графикӣ аз рӯи коллексияи объектҳои WordART-и пешниҳодгардида гузоштан мумкин аст. Масалан, объекти ҳангоми таҳияи реферат, навиштани мақолаҳо ё ки сарлавҳа истифода мегардад.

## КОЛЛЕКСИЯИ WordART

Барои ба ҳуҷҷат гузоштани объекти WordART ба менюи **«Вставка»** даромада ё ки панели асбобҳои **расмкаширо** интихоб кардан лозим меояд. Барои ин курсорро ба ҷое овардан лозим аст, ки объекти



WordART гузошта мешавад. Сипас, ба экран даричаи **коллексияи WordART** даъват мегардад. (Ба расми саҳифаи 56 нигаред).

**Усули 1.** Аз менюи «Вставка» аввал банди (Рисунок ▸), сипас Объект WordArt... «Объекти WordART»-ро интихоб мекунем.

**Усули 2.** «Объекти WordART»-ро дар панели асбобҳои расмкашӣ интихоб менамоем.

Оқибат дар экран **коллексияи WordART** пайдо мегардад. Акнун намуди заруриро интихоб кардан мумкин аст.

## ДАРОВАРДАНИ МАТН БА WordART

Барои интихоби намуди навиштаҷоти коллексия (масалан, намуди якум) клавиши **Enter** ё ки тугмаи **«OK»** бо ёрии мушак пахш карда мешавад. Оқибат дар экран **дарича барои даровардани навиштаҷоти** матн пайдо мегардад.




Ба ҷои навиштаҷоти **Текст подписи (матни ранга)** матни ба шумо заруӣ дароварда мешавад. Масалан, **«Ватани маҳбубам — Ўзбекистон!», «Шукуфон бош, Ўзбекистон!».** Дар қисми болоии дарича барои форматикунонии матн фармони мухталифро интихоб кардан мумкин аст. Сипас клавиши «Enter» ё ки тугмаи **«OK»** бо ёрии мушак пахш карда мешавад. Оқибат, матни шумо ҷудокарда чун расм ин тавр намоён мегардад:

Ватани маҳбубам–Ўзбекистон!

Шукуфон бош, Ўзбекистон!

## ПАНЕЛИ АСБОБҲОИ WordART

Андозаи объекти WordART-ро ба осонӣ тағйир додан мумкин. Барои ин объекти бавуҷудомадаро ҷудо кардан лозим. Оқибат дар экран **панели асбобҳои** WordART пайдо мегардад.




Панели асбобҳои мазкур ба мо имкониятҳои зеринро фароҳам меоварад:

| | |
|---|---|
| 1. Объекти нави WordART гузошта мешавад. | 2. Матн тағйир дода мешавад. |
| 3. Намуди дигар объектҳо аз коллексия интихоб мегардад. | 4. Андозаи объекти WordART тағйир дода мешавад. |
| 5. Шакли объекти WordART тағйир меёбад. | 6. Озодона давр задани объекти WordART муқаррар карда мешавад. |
| 7. Ҷойгирсозии объекти WordART аз рӯи баландӣ баробар карда мешавад. рӯи баландӣ баробар карда мешавад. | 8. Ҳарфҳои объекти WordART аз рӯи баландӣ баробар карда |
| 9. Объекти WordART шоқулӣ гирифта мешавад. | 10. Ҳамвор сохтани матни объекти WordART муқаррар карда мешавад. |
| 11. Фосилаи байни рамзҳои объекти WordART интихоб карда мешавад. | |

Бар объекти болоии тайёршудаи WordART тағйиротҳои зеринро медарорем:

а) дигар намуди объектро аз коллексия интихоб мекунем;

б) хати ҳудуди ҳарфро дар банди формати объекти WordART иваз менамоем;

в) андозаи объекти WordART-ро тағйир медиҳем;

г) бари объекти WordART-ро бо кӯмаки нуқтаҳо дар ҳудуди объекти ҳамвор месозем;

д) фосилаи байни ҳарфиро ниҳоят калон (150%) муқаррар месозем. Оқибат чунин намудро ба даст меоварем:

**Ватани маҳбубам-Ўзбекистон!**
**Шукуфон бош, Ўзбекистон!**

Дар хотир доред, ки дар объекти WordART он амалиётеро ба ичро расондан мумкин аст, ки чун расмҳои оддӣ мебошад.

## *САВОЛ ВА СУПОРИШҲО*




1. Объекти **WordART** чӣ гуна вазифаҳоро ичро мекунад?
2. Объекти **WordART** чӣ тавр гузошта мешавад?
3. Панели асбобҳои **WordART** чӣ гуна имкониятҳоро дорост?
4. Шакли объекти **WordART**-ро чӣ тавр тағйир додан мумкин аст. Дар амал нишон диҳед.
5. Барои реферат аз рӯи Информатика муқова тайёр кунед.
6. Озодона ҳаракат кардани объекти **WordART**-ро нишон диҳед.
7. Андозаи объекти тайёри **WordART**-ро чӣ тавр тағйир додан мумкин аст. Дар амал нишон диҳед.



## *МАШҚҲО*

1. Объекти поёнии WordART-ро ҳосил кунед:

**Ватанро дӯст доштан аз имон аст**

2. Объекти поёнии WordART-ро ҳосил кунед:

**Китоб хазинаи сирҳои илм аст.**

# Дарси 15. НАВИШТАНИ ФОРМУЛАҲО ДАР WORD

Агар китобҳои дарсии математика ва физикаро варақ занед, формулаҳо ва ифодаҳои мухталифро мебинед. Барои даровардани ифода ва формулаҳои мухталиф ба барномаи Word аз амали **муҳаррири формулаҳо** истифода мебаранд.

## БА КОР ДАРОМАДАНИ МУҲАРРИРИ ФОРМУЛАҲО

Ба он ҷое, ки формуларо гузоштан лозим аст, аввало курсорро мегузорем. Сипас, муҳаррири формуларо бо пайдарҳамии зерин ба кор андохтан мумкин аст:

1. Банди (Объект...) аз менюи **«Вставка»** интихоб мегардад.

2. Аз даричаи кушодашудаи (Вставка объекта) намуди объекти Microfot Equation 3.0-ро интихоб кардан зарур.

Оқибат дар ҷои гузоштаи курсор рамка барои иншои формула  ва даричаи формула пайдо мешавад, ки барои интихоби даровардани аломатҳо имконият медиҳад.




Агар дар панели асбобҳо нишонаи $\sqrt{\alpha}$ ҷойгир бошад, онро барои сарборӣ (нагрузка) кардани муҳаррири формулаҳо пахш кардан лозим аст.

Барои аз муҳаррири формулаҳо баромадан тугмаи чапи мушакро дар ҷои холигии майдони корӣ як бор пахш кардан кофист.

# ИМКОНИЯТҲОИ МУҲАРРИРИ ФОРМУЛАҲО

Имконияти муҳаррири формулаҳо ниҳоят калон мебошад. Он аз 19 банд иборат буда, ҳар кадомаш рамзи як намудро молик аст. Масалан, намудҳои мухталифи **муносибатҳои рамзӣ, шаблонҳои гуногуни касрҳо ва радикалҳо, шаблони қавсҳо.**

Рамзҳои мазкурро истифода бурда, мисолҳои поёниро сабт менамоем:

1. $12-\frac{1}{2}-13-x$

2. $\left(2\frac{3}{4}\cdot 4+5\frac{1}{6}:\frac{1}{2}-10\frac{6}{9}\right)\cdot 9$

3. $\frac{3}{4}x+\frac{1}{6}=\frac{5}{6}$

4. $\left(1\frac{3}{5}+2\frac{1}{5}\right):1\frac{9}{10}+\left(1\frac{7}{10}-\frac{4}{5}\right):\frac{3}{7}$

5. $x-1\frac{8}{9}+3\frac{7}{9}=4\frac{4}{9}$







Агар дар формулаи иншогардида ба хатогӣ роҳ гузошта шавад, онро ислоҳ кардан мумкин аст. Барои ин нишондиҳандаи мушакро ба болои формулаи хато оварда, тугмаи чап ду маротиба пахш мегардад. Оқибат, формулаи иншогардида дар рамка кушода мешавад ва дар экран даричаи Формула пайдо мешавад. Баъди он бо ёрии мушак курсорро ба ҷои зарурӣ оварда, ё бо ёрии клавиши самт хаторо ислоҳ кардан мумкин аст.




## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Чӣ тавр формуларо дар Word навиштан мумкин аст?
2. Муҳаррири формулаҳоро чӣ тавр сарборӣ (нагрузка) кунондан мумкин аст?
3. Аз муҳаррири формулаҳо чӣ тавр баромадан мумкин аст?
4. Муҳаррири формулаҳо чӣ гуна бандҳоро молик мебошад?
5. Хаторо дар формула чӣ тавр ислоҳ кардан мумкин? Дар амал нишон диҳед.
6. Дар доираи формула чӣ гуна ҳаракат кардан мумкин аст? Дар амал нишон диҳед.
7. Аз формулаи матн чӣ тавр нусха бардоштан мумкин аст? Дар амал нишон диҳед.



## МАШҚҲО

1. Аз муҳаррири формулаҳо истифода бурда, инҳоро нависед:

а) $100 - 56 \neq 95 - 48$

б) $8\frac{16}{27} - \left(x - 2\frac{17}{27}\right) = 8\frac{5}{27}$

в) $6\frac{1}{8} : \left(14\frac{5}{12} - 3\frac{13}{24} \cdot \frac{4}{7} + \left(3\frac{11}{12} - 2\frac{7}{12}\right)\right)$

г) $\sum \lambda \cdot \psi \cdot \frac{1}{v}$

д) $\textit{баҳо} = \begin{cases} \textit{5, агар тамоми ҷавобҳо дуруст бошад.} \\ \neq \textit{5, агар ҷавоб хато дошта бошад.} \end{cases}$

2. Бо ёрии муҳаррири формулаҳо 5 ифода ё формуларо аз китоби дарсии физика нависед.

3. 5 формуларо аз рӯи математика интихобан бо кӯмаки муҳаррири формулаҳо иншо созед.

# Дарси 16. ЧОПИ ҲУҶҶАТ ДАР WORD

Ниҳоят мавриди чоп кардани ҳуҷҷати тайёр ба коғаз расид. Аввало ҳуҷҷати дорои расмҳо, тарҳҳо ва ҷадвалҳои дар коғаз тайёр кардаатон чӣ тавр намуд доштанашонро дида баромаданӣ шавед, мавзӯъро амиқ омӯхтанатон зарур.

Чопи ҳуҷҷат дар коғаз кори он қадар мураккаб нест. Барои ин дар **панели стандартии асбобҳо** бо кӯмаки мушак пиктограммаи **«Печать»** «**Чоп**»-ро бо расми принтер интихоб кардан зарур. Ин усули аз ҳама осони чоп мебошад. Вале принтерҳои замонавӣ бисёр имкониятҳои гуногуни чопи ҳуҷҷатҳоро доранд. Масалан, дар як



варақ ҷойгир будани чанд саҳифаи матн, чоп кардани ҳуҷҷат дар шакли буклет ё ки китобча ва ҳоказо.

Барои соз кардани параметрҳои чоп банди **«Чоп»**-ро аз менюи **«Файл»** мегирем. Оқибат дар экран даричаи **«Чоп»** пайдо мешавад. Он дар бандҳои **«Принтер», «Саҳифаҳо»**, «**Нусхаҳо», «Масштаб», «Фарогирӣ», «Чоп кардан»** мебошад.

Дар банди **саҳифаҳо** бо кӯмаки мушак амали пешниҳодшударо: **ҳамааш, ҷорӣ, рақам** ва **лаҳзаи қайдшуда** интихоб мекунем. Агар мо **«ҳама»**-ро интихоб кунем, дар он сурат ҳамаи ҳуҷҷат чоп мешавад. Ҳангоми интихоби саҳифаи **ҷорӣ** саҳифае чоп мешавад, ки дар он курсор воқест. Ҳангоми интихоби тартиби рақам рақами саҳифае, ки бояд чоп гардад, дар даричаи ёрирасон нишон дода мешавад. Масалан, агар 1, 3, 5—12 иншо шуда бошад, дар он сурат саҳифаи якум, сеюм, ҳамчунин саҳифаҳо аз 5 то 12 чоп мегардад. Агар як қисми матнро чоп кардан лозим ояд, **«Выделенный диапозон»**-ро интихоб кардан зарур. Оқибат қисми ҷудогардидаи матн чоп мешавад.

Дар банди **«Копия» Нусха** фармонҳои **миқдори нусха** ва **нусхаро** ба тартиб андохтан ҳаст. Дар вай чӣ қадар нусха бардошта, бо кадом тартиб чоп кардани он нишон дода мешавад. Фараз кунем, ҳуҷҷатро дар се нусха чоп кардан лозим. Барои ин дар даричаи **миқдории «Нусха»** миқдори 3 нишон дода мешавад. Агар ба тартиб андохтани **нусхаҳоро интихоб кунем,** дар он сурат сараввал нусхаи аввал, сипас нусхаи дуюму сеюм чоп мегардад. Агар **«Нусхаҳоро ба тартиб андохтан»** нишон дода шавад, дар он сурат 3 нусхаи саҳифаи аввал, сипас 3 нусхаи саҳифаи дуюм ва ҳоказо чоп мешавад.

Дар банди **Масштаб** дар як варақ чӣ миқдор ҷойгирсозии саҳифа нишон дода мешавад. Барои ин яке аз вариантҳои пешкашшуда дар даричаи **миқдори саҳифаҳои варақ** «Саҳифаи 1, саҳифаи 2, саҳифаи 4 ва ғайра» интихоб мегардад.

Дар банди **«Включить» «Даровардан»** варианти зарурӣ интихоб мегардад: **«Все страницы диапозона»**, **«Нечетные страницы»**, **«Четные страницы»**. Агар нишондоди **«Все страницы диапозона»** қайд карда шавад, тамоми ҳуҷҷат ё ки қисми ҷудогардидаи он чоп мешавад. Агар нишондоди **«Нечетные страницы»** интихоб гардад, танҳо саҳифаҳои тоқи ҳуҷҷат чоп мегардад. Агар нишондоди **«Четные страницы»** интихоб гардад, дар он сурат саҳифаи ҷуфт чоп мегардад.

Дар банди Принтер тугмаи **«Свойства»** ҳаст, ки тамоми маълумотҳоро дар бораи принтер ҷамъ овардааст. Агар бо кӯмаки мушак тугмаи **«Свойства»** пахш гардад, дар экран дарича бо хусусиятҳои принтер пайдо мегардад. Бояд тазаккур дод, ки




компютерҳои мухталиф дорои хусусиятҳои гуногунанд. Аз ҳамин сабаб дар даричаи **«Свойства»**-и принтерҳо иттилоот гуногун буда метавонанд.

Принтерҳо дорои хусусиятҳои гуногун буда, дар поён бо хусусияти он дар боби чопи китобча ошно мегардем. Бояд тазаккур дод, ки на ҳамаи принтерҳо дорои чунин хусусиятҳоянд. Аз ҳамин сабаб мо

онро дар мисоли хусусияти принтери **«HP Laserjet 1300»** дида мебароем. Хусусияти принтер дар расми саҳифаи 65 нишон дода шудааст. Дарича аз чанд лавҳа иборат аст. То ки ҳуҷҷат дар шакли брошюра (китобча) чоп гардад, банди **«Окончательное обработка»** бояд интихоб гардад. Аз банди **«Параметры документа»** фармони **«Печать на обеих сторонах»**-ро интихоб кардан лозим. Дар даричаи иловагии **«Макет буклета»** яке аз вариантҳои пешниҳодгардида, масалан, **«Переплет по левому краю»**-ро интихоб бояд намуд. Агар тугмаи **«OK»** пахш карда шавад, дар он сурат мо ба даричаи **«Печать»** бармегардем. Агар дар ин дарича **«OK»** пахш карда шавад, дар он сурат чопи ҳуҷҷат оғоз меёбад. Аввало, қисми ҳуҷҷат дар як нисфи саҳифа чоп мегардад. Тартиби чопи коғазҳо вайрон нагардида, боз ба принтер ҷойгир карда шавад, қисми боқимондан ҳуҷҷат дар тарафи дигари коғаз чоп мегардад. Вақте ки чопкунӣ ба анҷом мерасад, коғази саҳифаро ҳамвор карда, дуқат менамоем ва китобча ҳосил мегардад.

Вобаста аз интихоби муқовакунии ҳуҷҷат дар шакли китобча, онро ба канори чапу болои саҳифа гузоштан мумкин. Барои ин дар тарҳи буклет фармони дахлдор интихоб мегардад.

## *САВОЛ ВА СУПОРИШҲО*



1. Бо кӯмаки кадом пиктограммаи панели асбобҳо ҳуҷҷатҳоро чоп кардан мумкин аст.
2. Барои **чопи ҳуҷҷат** дар кадом ҳолатҳо менюи Файл истифода мегардад?
3. Саҳифаи ҷории ҳуҷҷатро бо кӯмаки чӣ чоп кардан мумкин аст?
4. Якчанд саҳифаи нопаиҳамро дар як вақт чӣ тавр чоп карда метавонем?
5. Танҳо қисми қайдшудаи матнро чӣ тавр чоп кардан мумкин?
6. Танҳо саҳифаи ҷуфтро чӣ тавр чоп мекунем?
7. Танҳо саҳифаи тоқро чӣ тавр чоп мекунем?
8. 5 нусхаи як саҳифаро баробар чоп кардан оё мумкин аст?
9. Бо кӯмаки чӣ гуна амалҳо ҳуҷҷатро дар намуди китобча чоп кардан мумкин аст? Нақл кунед.

## *МАШҚҲО*

1. Ҳуҷҷати «Оилаи ман»-ро таҳия сохта, чоп кунед.

2. Дар ҳуҷҷати «Оилаи ман» як сархатро ҷудо кунед ва онро чоп намоед.

3. Ҳуҷҷати дусаҳифагиро аз усули чопи дутарафа истафода бурда ба ҳарду тарафи варақ чоп кунед.

# Дарси 17. СУПОРИШҲО БАРОИ ТАКРОР

Донишомӯзони мӯхтарам! Дар бадали сол Шумоён корро дар просессори матн омӯхтед. Акнун вақти озмудани дониш ва малакаи амалиатон расид, ки дар тӯли сол ҳосил намудаед.

Ба саволҳои зерин ҷавоб гардонед:

1. Муҳаррири матн аз просессори матн чӣ гуна фарқ дорад?
2. Кадом муҳаррирони матнро медонед?
3. Кадом просессорҳои матнро медонед?
4. Просессори матн чӣ гуна имкониятҳоро молик аст?
5. Ҳуҷҷатро баъди таҳрир чӣ тавр маҳфуз доштан мумкин аст?
6. Таҳти мафҳуми «Блок» чиро мефаҳмед?
7. Қисми қайдшудаи матнро чӣ тавр маҳв месозанд?
8. Рамзи зиёдатии матнро чӣ тавр маҳв месозанд?
9. Чанд сатри матнро чӣ тавр маҳв кардан мумкин аст?
10. Кадом панели асбобҳо барои рангкунии қисми дохилии росткунҷа дар просессори матни Word истифода мегардад?
11. Бо кадом амал қисми дохилии эллипс ва худудҳои онро дар просессори матни Word ранг кардан аст?

### *Вазифаҳои зеринро ба иҷро расонед:*

1. Ҷараёни кӯчондани ягон калима ва ё сатри матнро ба сатри дигар бо мисолҳо нишон диҳед.

2. Аз қисми қайдшудаи матн нусха бардоштанро бо мисолҳо нишон диҳед.

3. Форматикунонии қисми қайдшудаи матнро бо мисолҳо фаҳмонда диҳед.

4. Ҷиҳозонидани як девори хонаи компютериро дар ҳуҷҷат баробари истифодабарии имконияти Word акс кунонед.

5. Расмҳоро доир ба манзараҳои табиат кашед.

6. Аз имкониятҳои Word истифода бурда, чунин ҳуҷҷатро офаред:

**И м т и ҳ о н д а р**
**W o r d !**

**Фикру ҷустуҷӯ кун, ёб!**

- Аломати **«Дефис»**(тире, -) бе фосила навишта мешавад, масалан: мева-чева.
- **«Тиреи дароз»** (—) аз ҳар ду тараф бо фосила ҷудо мегардад. Барои навиштани он тугмаҳои [Ctrl], [Alt] ва аз маҷмӯи тугмаҳои кӯмакрасон тугмаи «тиреи дароз» якҷоя пахш карда мешавад.



$$\begin{cases} x^2 \\ 0 \\ \overline{a} + \overline{b} \\ \begin{cases} \forall a : a \le b^2 \\ \dfrac{778}{888} + (878 - \psi : \chi) \end{cases} \end{cases} \cong \prod \iint_v f(x)$$

# МУНДАРИЧА


Муқаддима ... 3
Сарсухан ... 4
Дарси 1. Муҳаррири матн ... 5
Дарси 2. Интерфейси просессори матни MS Word ... 9
Дарси 3. Қоидаҳои матнависӣ дар Word ... 15
Дарси 4. Параметрҳои асосии ҳуҷҷатҳо ... 19
Дарси 5. Офаридан ва маҳфуз доштани ҳуҷҷат ... 24
Дарси 6. Таҳрири ҳуҷҷатҳо ... 28
Дарси 7. Андозакунии (форматикунонии) ҳуҷҷат ... 32
Дарси 8. Машқҳо оид ба таҳриру форматикунонии ҳуҷҷатҳо ... 34
Дарси 9. Кор бо расмҳои ҳуҷҷат ... 35
Дарси 10. Симо ва тарҳҳо дар ҳуҷҷатҳо ... 40
Дарси 11. Машғулияти амалӣ бо расмҳо ва тарҳҳо ... 44
Дарси 12. Кор бо ҷадвалҳои ҳуҷҷатҳо ... 45
Дарси 13. Амалҳои болои ҷадвал ... 52
Дарси 14. Объектҳои WordART ... 56
Дарси 15. Навиштани формулаҳо дар Word ... 60
Дарси 16. Чопи ҳуҷҷат дар Word ... 63
Дарси 17. Супоришҳо барои такрор ... 67

*O'quv nashri*

**Bahodir Boltayev, Muxtor Mahkamov, Axat Azamatov, Sayyora Rahmonqulova**

# INFORMATIKA

*Umumiy o'rta ta'lim maktablarining 6-sinfi uchun darslik*

*(Tojik tilida)*

Муҳаррир *Э. Турдиқулов*
Мутарҷим *Т. Нодир*
Мусаввир *А. Султонов*
Муҳаррири бадеӣ *Ҳ. Қутлуқов*
Муҳаррири техникӣ *Д. Габдрахмонова*
Саҳифабанди компютерӣ *К. Голдобина*

Оригинал-макет дар хонаи эҷодии табъу нашри «O'zbekiston» Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30 тайёр карда шудааст.

Литсензияи нашриёт AI № 158. 14.08.09.
Ба чопаш 22 майи соли 2013 иҷозат дода шуд. Андозаи $70\times90^1/_{16}$.
Коғази офсетӣ, чопи офсетӣ. Гарнитураи «Times TAD». Кегели 12.
Ҷузъи чопӣ 4,5. Ҷузъи чопии шартӣ 5,22. Ҷузъи нашриву ҳисобӣ 4,92.
Адади нашр 6923 нусха. Супориши № 2965.

Дар матбааи Ширкати саҳҳомии табъу нашри «Sharq»,
100000, шаҳри Тошканд, хиёбони Буюк Тӯрон, 41 чоп шудааст.

**Информатика 6.** Китоби дарсӣ барои донишомӯзони синфҳои
И-74 6-уми мактабҳои миёнаи таълими умумӣ (Б. Болтаев, М. Маҳкамов ва диг.) Нашри дуюм. Мутарҷим Т. Нодир. — Т: Хонаи эҷодии табъу нашри «O‘zbekiston» 2013. — 72 саҳ.

I.II. Болтаев Б. ва диг.

ISBN 978-9943-01-445-9

**УЎК 004(075)**
**КБК 32.81я72**

**Ҷадвали нишондиҳандаи ҳолати китоби ба иҷора додашуда**

| № | Ному насаби донишомӯз | Соли хониш | Ҳолати китоб ҳангоми гирифтан | Имзои раҳбари синф | Ҳолати китоб ҳангоми супоридан | Имзои раҳбари синф |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | | | | | | |
| 2. | | | | | | |
| 3. | | | | | | |
| 4. | | | | | | |
| 5. | | | | | | |

**Ҷадвали болоӣ ҳангоми ба иҷора дода шудан ва дар охири соли хониш баргардонида гирифтани китоб аз тарафи раҳбари синф аз рӯи меъёрҳои зерин баҳо гузошта мешавад:**

| Нав | Ҳолати китоб ҳангоми бори аввал супоридан. |
|---|---|
| Хуб | Муқовааш бутун, аз қисми асосии китоб ҷудо нашудааст. Ҳамаи варақҳояш ҳаст, надаридааст, ҷудо нашудааст, дар саҳифаҳо навишт ва хатҳо нест. |
| Қаноатбахш | Муқова каҷ шудааст, канорҳояш коҳида, якчанд хатҳо кашида, ҳолати аз қисми асосӣ ҷудошавӣ дорад, аз тарафи истифодабаранда қаноатбахш таъмир гаштааст. Варақҳои ҷудошудааш аз нав таъмир гаштааст, дар баъзе саҳифаҳо хат кашида шудаанд. |
| Ғайри-қаноатбахш | Муқова хат кашида шудааст, даридааст, аз қисми асосӣ ҷудо шудааст ё умуман нест, ғайриқаноатбахш таъмир гаштааст.<br>Саҳифаҳо дарида, варақҳо намерасанд, хат кашида, ранг карда шудааст, китоб барқарор карда намешавад. |